# Тоҷикистон



# Таҳқиқоти Тиббӣ - Демографӣ

# 2023

## Ҳисобот аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ

# Тоҷикистон

## Таҳқиқоти тиббӣ - демографӣ
## 2023

## Ҳисобот аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ


**Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Барномаи DHS**
**ICF**
**Роквилл, иёлоти Мэриленд, ИМА**



**Июли соли 2024**



USAID FROM THE AMERICAN PEOPLE

TAJSTAT

unicef for every child

UNFPA

Таҳқиқоти тиббӣ-демографии Тоҷикистон дар соли 2023 (ТТДТ-2023) аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Маблағгузории ТТДТ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ва Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) пешниҳод карда шуд. Маблағгузории иловагии таҳқиқот аз ҷониби Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (UNICEF) ва Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид (UNFPA) пешниҳод карда шуд. ICF дар доираи Барномаи DHS, лоиҳаи аз ҷониби USAID маблағгузоришаванда, ки дастгирӣ ва кӯмаки техникиро дар гузаронидани таҳқиқотҳои аҳолӣ ва саломатӣ дар кишварҳои ҷаҳон таъмин мекунад, кӯмаки техникӣ расонид.

Маълумоти иловагӣ дар бораи ТТДТ 2023 - ро метавон дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 17; Ҷумҳурии Тоҷикистон; телефон: 992-372-23-02-45; факс: 992-372-21-43-75; почтаи электронӣ: stat@tojikiston.com; интернет: https://www.stat.tj дастрас кард.

Маълумот дар бораи Барномаи DHS – ро метавон аз: ICF, 530 Gaither Road, Suite 500, Rockville, MD 20850, ИМА; телефон: +1-301-407-6500; факс: +1-301-407-6501; почтаи электронӣ: info@DHSprogram.com; Интернет: www.DHSprogram.com дастрас кард.

Мундариҷаи ин ҳисобот масъулияти истисноии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ICF мебошад ва ҳатман нуқтаи назари USAID, ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ё дигар ташкилотҳои донорро инъикос намекунад.

Истиноди тавсияшаванда:

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ICF. 2024. *Таҳқиқоти тиббӣ - демографии Тоҷикистон 2023: ҳисобот аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ.* Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роквилл, иёлоти Мэриленд, ИМА: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ICF.

# МУНДАРИҶА


**ҶАДВАЛҲО ВА РАСМҲО** ..... v
**АББРЕВИАТУРАҲО ВА ИХТИСОРОТ** ..... vii
**ПЕШГУФТОР** ..... ix

**1 МУҚАДДИМА** ..... 1
Ҳадафҳои таҳқиқот ..... 1

**2 ГУЗАРОНИДАНИ ТАҲҚИҚОТ** ..... 3
2.1 Тарроҳии Намунаи Интихобӣ ..... 3
2.2 Пурсишномаҳо ..... 4
2.3 Антропометрия ва Санҷиши Камхунӣ ..... 5
2.4 Санҷиш ва МШХК Омӯзиши Мураббиён ..... 6
2.5 Омӯзиши Кормандони Саҳроӣ ..... 7
2.6 Корҳои Саҳроӣ ..... 9
2.7 Коркарди Маълумотҳо ..... 9

**3 ХУЛОСАҲОИ АСОСӢ** ..... 11
3.1 Сатҳи Посухдиҳӣ ..... 11
3.2 Тавсифи Посухдиҳандагон ..... 11
3.3 Таваллуди Фарзанд ..... 13
3.4 Таваллуди Наврасон ..... 14
3.5 Афзалиятҳои Таваллуд ..... 15
3.6 Банақшагирии Оила ..... 15
3.6.1 Истифодабарии пешгирикунандаҳо ..... 15
3.6.2 Зарурат ва талабот ба банақшагирии оила ..... 17
3.7 Натиҷаҳои Ҳомиладорӣ ва Коэффитсиентҳои Исқоти Сунъии Ҳамл ..... 18
3.7.1 Натиҷаҳои ҳомиладорӣ ..... 19
3.7.2 Коэффитсиенти ҷамъбастии исқоти сунъии ҳамл ..... 20
3.7.3 Сабабҳои исқоти сунъии ҳамл ..... 21
3.8 Фавт дар Байни Кӯдакон ..... 21
3.9 Нигоҳубини Модарон ..... 22
3.9.1 Назорати пеш аз таваллуд ..... 22
3.9.2 Кӯмак дар таваллуд ..... 24
3.9.3 Нигоҳубини баъди таваллуд ба модар ..... 24
3.10 Мурочиат Барои Ёрии Тиббӣ ва Табобати Бемориҳои Кӯдакон ..... 24
3.11 Вазъи Ғизохӯрии Кӯдакон ..... 26
3.12 Ғизодиҳии Кӯдакони Ширмак ва Хурдсол ..... 28
3.13 Зӯроварии Хонаводагӣ Нисбати Занон ..... 30
3.13.1 Таҷрибаи шаклҳои сершумори зӯроварӣ ..... 31
3.13.2 Зӯроварии шарики маҳрамона, ки аз ҷониби шавҳари ҳозира ё охирин/ шарики маҳрамона содир шудааст ..... 31
3.14 ВНМО ..... 33
3.14.1 Дониши ҷавонон дар бораи пешгирӣ ..... 33
3.14.2 Рафтори ҷинсӣ ..... 34
3.14.3 Санҷиши қаблии ВНМО ..... 35

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТҲО** ..... 37

# ҶАДВАЛҲО ВА РАСМҲО


Ҷадвали 1 Натиҷаҳои мусоҳиба бо хонаводаҳо ва мусоҳибаҳои инфиродӣ ........ 11
Ҷадвали 2 Хусусиятҳои асосии пурсидашудагон ........ 12
Ҷадвали 3 Таваллуди ҷорӣ ........ 13
Ҷадвали 4 Ҳомиладории наврасон ........ 14
Ҷадвали 5 Афзалияти таваллуд аз рӯи шумораи кӯдакони зинда ........ 15
Ҷадвали 6 Истифодаи ҷории пешгиркунандаҳо аз рӯи хусусиятҳои асосӣ ........ 16
Ҷадвали 7 Талабот ба банақшагирии оила дар байни занҳои шавҳардор ........ 18
Ҷадвали 8 Натиҷаҳои ҳомиладорӣ аз рӯи хусусиятҳои асосӣ ........ 19
Ҷадвали 9 Нишондодҳои исқоти сунъии ҳамл ........ 20
Ҷадвали 10 Нишондодҳои фавти кӯдакони хурдсол ........ 22
Ҷадвали 11 Ҳифзи саломатии модар ........ 23
Ҷадвали 12 Табобати нишонаҳои СШРН, таб ва дарунравӣ ........ 25
Ҷадвали 13 Вазъи ғизохӯрии кӯдакон ........ 27
Ҷадвали 14 Нишондиҳандаҳои ғизодиҳии кӯдакони ширмак ва хурдсол (ҒКШХ) ........ 29
Ҷадвали 16 Таҷрибаи шаклҳои сершумори зӯроварӣ ........ 31
Ҷадвали 16 Зӯроварӣ аз ҷониби шарики маҳрамона аз рӯи хусусиятҳои асосӣ ........ 32
Ҷадвали 17 Дониши занони ҷавон дар бораи усулҳои пешгирии ВНМО ........ 34
Ҷадвали 18 Шарикони сершумори ҷинсӣ ва алоқаи ҷинсии хавфнок дар 12 моҳи охир ........ 35
Ҷадвали 19 Фарогирӣ ба санҷиши қаблии ВНМО ........ 36

Расми 1 Тамоюлҳои таваллуд аз рӯи ҷои истиқомат ........ 13
Расми 2 Тамоюлҳои истифода, ниёз ва талабот барои банақшагирии оила ........ 17
Расми 3 Натиҷаҳои ҳомиладорӣ ........ 20
Расми 4 Сабабҳои исқоти ҳамл ........ 21
Расми 5 Тамоюлҳо дар нишондиҳандаҳои фавти кӯдакон ........ 22
Расми 6 Тамоюлҳо дар кӯмаки пеш аз таваллуд ........ 24
Расми 7 Тамоюлҳои вазъи ғизои кӯдакон ........ 28
Расми 8 Тамоюлҳои истиснои синамаконӣ ........ 29

# АББРЕВИАТУРАҲО ВА ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| ВИНИ | Воҳиди ибтидоии намунаи интихобӣ |
| ВНМО | Вируси норасоии масунияти одам |
| ҒКШХ | Ғизодиҳии кӯдакони ширмак ва хурдсол |
| ИС | Инҳирофи стандартӣ |
| МШХК | Мусоҳибаи шахсии худкори компютерӣ |
| ҚБ | Қитъаи барӯйхатгирӣ |
| КМТ | Коэффитсинти махсуси таваллуд |
| КСТ | Коэффитсиенти синну солии таваллуд |
| КУИСҲ | Коэффитсиенти умумии исқотҳои сунъии ҳамл |
| КУТ | Коэффитсиенти умумии таваллуд |
| КҶИСҲ | Коэффитсиенти чамъбастии исқотҳои сунъии ҳамл |
| КҶТ | Коэффитсиенти ҷамъбастии таваллуд |
| НБТ | Нигоҳубини баъди таваллуд |
| НПТ | Назорати пеш аз таваллуд |
| НРД | Намаки регидратсионии даҳонӣ |
| ОХФ | Озуқаворӣ ба хотири фардо |
| СДР | Спирали дохилираҳмӣ |
| СПП | Сатҳи паҳншавии пешгирикунандаҳо |
| СҶТ | Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ |
| СШРН | Сирояти шадиди роҳи нафаскашӣ |
| ТТД | Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ |
| УАЛ | Усули аменореяи лактатсионӣ |
| ҲРУ | Ҳафадҳои рушди устувор |
| CSPro | Барномаи коркарди барӯйхатгирии аҳолӣ ва пурсишҳо |
| UNFPA | Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳил |
| UNICEF | Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид |
| USAID | Агентии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба рушди байналмилалӣ |

# ПЕШГУФТОР

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои Таҳқиқоти тиббӣ-демографии Тоҷикистон 2023 (ТТДТ)-ро бо қаноатмандии зиёд пешниҳод менамояд. Агентии омор ба ҳамаи онҳое, ки дар гузаронидани ТТДТ 2023 ва таҳияи ин ҳисоботи нишондиҳандаҳои асосӣ иштирок кардаанд, изҳори миннатдорӣ мекунад.

Миннатдории махсус ба ташкилотҳои зерин изҳор карда мешавад:

- Ба Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ дар Тоҷикистон барои пешниҳоди маблағгузорӣ барои ташкил ва гузаронидани ТТДТ 2023.
- Ба ICF барои расонидани дастгирии техникӣ, омӯзиши кормандони саҳроӣ, машварат, тавсияҳо ва таҳлили маълумоти ҷамъоваришуда.
- Ба Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (UNICEF) ва Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид (UNFPA) дар Тоҷикистон барои пешниҳоди маблағҳои иловагӣ.

Гузаронидани таҳқиқот бе кори софдилона ва фидокоронаи садҳо нафар иҷро шуда наметавонист. Махсусан, мо мехоҳем миннатдории худро ба ҳамоҳангсози саҳроӣ, нозирон, мусоҳибон, кормандони тиб ва ронандагон барои иштироки фаъолона ва саҳми онҳо дар ин кор баён кунем.

Бештар аз ҳама, мо ҳамкории ҳамаи пурсидашудагонро, ки ТТДТ 2023 - ро муваффақ карданд, қадр мекунем.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода,
Директори Агентии омори назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# 1 МУҚАДДИМА

Таҳқиқоти тиббӣ-демографии Тоҷикистон дар соли 2023 (ТТДТ-2023) сеюмин таҳқиқоти дар Тоҷикистон гузаронидашуда мебошад. Таҳқиқот аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (TAJSTAT) дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ анҷом дода шудааст. Ҷамъоварии маълумот аз 10 август то 28 ноябри соли 2023 сурат гирифт. ICF дар доираи Барномаи таҳқиқоти демографӣ ва тиббӣ (DHS), ки аз ҷониби Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) маблағгузорӣ мешавад ва дастгирии молиявӣ ва кӯмаки техникиро дар гузаронидани таҳқиқоти аҳолӣ ва саломатӣ дар кишварҳои ҷаҳон пешниҳод мекунад, кӯмаки техникӣ расонд. Дигар муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки ба гузаронидани бомуваффақияти таҳқиқот тавассути дастгирии техникӣ ё молиявӣ мусоидат карданд, Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (UNICEF) ва Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид (UNFPA)буданд.

Ин ҳисобот аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ назари аввалро ба хулосаҳои алоҳидаи ТТДТ-2023 пешниҳод мекунад. Таҳлили ҳамаҷонибаи маълумот дертар дар ҳисоботи ниҳоӣ дар соли 2024 пешниҳод карда мешавад.

## *Ҳадафҳои Таҳқиқот*

Ҳадафи асосии ТТДТ-2023 пешниҳоди арзёбиҳои марбут ба нишондиҳандаҳои асосии демографӣ ва тандурустӣ мебошад. Аз ҷумла, ТТДТ-2023 маълумот дар бораи ҳомиладоршавӣ ва истифодаи пешгирикунандаҳо, саломатӣ ва ғизои модар ва кӯдак, фавти кӯдакон, зӯроварии хонаводагӣ нисбат ба занон, интизоми кӯдакон, огоҳӣ ва рафтор дар нисбати ВНМО/БПНМ ва дигар сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда (СТАҶГ) ва дигар масъалаҳои марбут ба саломатӣ, аз қабили тамокукаширо ҷамъоварӣ намуд.

Маълумоте, ки дар доираи ТТДТ-2023 ҷамъ оварда шудааст, барои расонидани кӯмак ба мутахассисони масъул барои таҳияи сиёсат ва роҳбарони барномаҳо дар арзёбӣ ва коркарди барномаҳо ва стратегияҳо оид ба беҳтар кардани вазъи саломатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. ТТДТ-2023 инчунин нишондиҳандаҳои марбут ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) барои Тоҷикистонро пешниҳод менамояд.

# 2 ГУЗАРОНИДАНИ ТАҲҚИҚОТ

## 2.1 ТАРРОҲИИ НАМУНАИ ИНТИХОБӢ

Асоси намунаи интихобӣ барои ТТДТ-2023 истифодашаванда барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Тоҷикистон дар соли 2020 (БАФМ-2020) мебошад, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (TAJSTAT) гузаронида шудааст. Дар муносибати маъмурӣ Тоҷикистон ба панҷ минтақаи маъмурӣ тақсим шудааст: Душанбе, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ (НТҶ), вилоятҳои Суғд ва Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ). Ҳар як минтақа ба шаҳрҳо ва деҳот тақсим карда мешавад. Кишвар ба 68 ноҳия тақсим шудааст, ки аз рӯи минтақаҳои кишвар тақсим шудаанд. Ҳар як ноҳия, дар навбати худ, ба қитъаҳои барӯйхатгирӣ тақсим карда мешавад, ки дар навбати худ ба қитъаҳои инструкторӣ тақсим карда мешаванд. Ҳар як қитъаҳои дастурдиҳӣ ба қитъаҳои ҳисоби шаҳрӣ ҚҲ маҳаллаҳои аҳолинишини деҳотӣ тақсим карда мешавад.

Асоси намунаи интихобии ТТДТ-2023 рӯйхати қитъаҳои ҳисобгирӣ (ҚҲ) ва маҳаллаҳои аҳолинишини табиии деҳотӣ мебошад, ки ҳамаи минтақаҳои шаҳрӣ ва деҳоти кишварро фаро мегиранд, дар ҳоле ки воҳидҳои ибтидоии намунаи интихобӣ (ВИНИ) ҚҲ дар минтақаи шаҳрӣ ва деҳаҳо дар маҳаллаҳои аҳолинишини деҳот мебошанд. Қитъаи ҳисобгирӣ фазои ҷуғрофӣ аст, дар минтақаи шаҳрӣ ин одатан як маҳаллаи шаҳрӣ мебошад, ки аз шумораи кофии хонаводаҳо иборат аст, ки барои ҳисобкунии самаранок зарур аст; ҳар як ҚҲ ҳамчун воҳиди ҳисоб барои барӯйхатгирии аҳолӣ хизмат мекунад. Дар БАФМ-2020 харитаҳои ҚҲ барои барӯйхатгирӣ истифода нашудаанд. ҚҲ-ҳои шаҳриро аз рӯи рӯйхати биноҳо/хонаводаҳои дар ҚҲ зиндагикунанда, дар якҷоягӣ бо файли тавсифкунанда муайян кардан мумкин аст. Дар деҳот, ҚҲ як деҳаи табиӣ ё як қисми деҳаи калон аст. ҚҲ - и деҳотро тавассути маъмурияти деҳот муайян кардан мумкин аст.

Намунаи интихобӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои намояндагӣ дар саросари кишвар, алоҳида барои шаҳрҳо ва деҳот, инчунин барои ҳар яке аз панҷ минтақаи маъмурӣ таҳия шудааст. Илова бар ин, ба монанди таҳқиқоти қаблии ТТДТ, намунаи интихобӣ тавре таҳия шудааст, то ки нишондиҳандаҳои муайянро барои 12 ноҳияи вилояти Хатлон, ки аз ҷониби барномаи "Озуқаворӣ ба хотири фардо" (ОХФ) фаро гирифта шудаанд ва ба як қаламрави ягонаи ОХФ муттаҳид карда шудаанд, пешниҳод кардан имконпазир шавад. Аз намунаи интихобӣ гурӯҳҳои ниҳодии аҳолӣ, ба монанди шахсоне, ки дар меҳмонхонаҳо, казармаҳо ва зиндонҳо қарор доранд, хориҷ карда шуданд.

Тарҳи намунаи ТТДТ-2023 намунаи дузинагии табақабандишуда мебошад. Марҳилаи аввал интихоби нуқтаҳои интихобӣ (кластерҳо) - ро дар бар мегирифт, ки аз қитъаҳои ҳисобгирӣ иборат буданд. Қитъаҳои ҳисобгирӣ бо эҳтимолияти мутаносибан ба андозаи онҳо барои ҳар як табақа интихоб карда шуданд. Дар маҷмӯъ 370 кластер, 166 дар маҳалҳои шаҳрӣ ва 204 дар маҳалҳои деҳот интихоб карда шуданд.

Марҳилаи дуюм интихоби системавии хонаводаҳоро дар бар мегирифт. Дар ҳамаи кластерҳои интихобшуда корҳои саҳроӣ оид ба тартиб додани рӯйхати хонаводаҳо гузаронида шуданд ва шумораи муқарраршудаи 22 хонавода дар ҳар як кластер бо шумораи умумии тақрибан 8 140 хонавода бо эҳтимолияти баробар интихоб карда шуд.

Ҳамаи занони аз 15 то 49-сола, ки ё дар хонаводаҳои интихобшуда зиндагӣ мекарданд ё шаби пеш аз мусоҳиба дар он ҷо буданд, ҳуқуқи иштирок дар таҳқиқотро доштанд. Озмоиши гемоглобин дар ҳар як хонавода дар байни занони аз 15 то 49-сола, ки ба санҷиш розӣ буданд, гузаронида шуд. Бо розигии волидайн ё парастор, кӯдакони аз 6 то 59 моҳа низ барои камхунӣ дар ҳар як хонавода санҷида шуданд. Маълумот аз андозагирии қад/дарозӣ ва вазни бадан аз занони мувофиқи 15–49 сола ва кӯдакони 0–59 моҳа дар ҳама хонаводаҳо ҷамъоварӣ карда шуд. Илова бар ин, дар ҳар як

хонавода, як зан дар як хонавода бо усули интихоби тасодуфӣ барои мусоҳиба оид ба масъалаҳои иловагии зӯроварӣ дар оила интихоб карда шуд.

## 2.2 ПУРСИШНОМАҲО

Барои ТТДТ-2023 се пурсишнома истифода шудааст: Пурсишномаи хонавода, Пурсишномаи зан ва Пурсишномаи биомаркер. Пурсишномаҳо, ки ба пурсишномаҳои намунавии Барномаи DHS асос ёфтаанд, барои инъикоси мушкилоти аҳолӣ ва тандурустии марбут ба Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд.

Пешниҳодҳо аз ҷонибҳои гуногуни манфиатдор, ки вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва донорҳои байналмилалиро намояндагӣ мекунанд, дархост карда шуданд. Пас аз он ки ҳамаи пурсишномаҳо ба забони англисӣ такмил дода шуданд, онҳо ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тарҷума шуданд.

Пурсишномаи хонавода барои тартиб додани рӯйхати ҳамаи аъзо ва меҳмонони хонаводаҳои интихобшуда истифода шудааст. Барои ҳар яке аз шахсони номбаршуда маълумоти асосии демографӣ, аз ҷумла синну сол, ҷинс, вазъи оилавӣ, таҳсилот ва муносибат ба сардори хонавода ҷамъоварӣ карда шуд. Барои кӯдакони то 18-сола мақоми зинда мондани волидон муайян карда шуд. Маълумот дар бораи синну сол ва ҷинси шахсони номбаршуда барои муайян кардани заноне, ки ба мусоҳибаҳои инфиродӣ ҳуқуқ доштанд, истифода шудааст. Пурсишномаи хонавода инчунин маълумотро оид ба усулҳои интизомӣ, ки нисбати як кӯдаки тасодуфан интихобшудаи аз 1 то 14-сола дар ҳар як хонавода истифода мешаванд, инчунин хусусиятҳои манзили хонавода, аз қабили манбаи об, навъи ҳоҷатхона, маводҳое, ки барои фарш, деворҳои берунӣ ва сақф истифода мешаванд ва моликияти молҳои гуногуни истеъмолӣ ҷамъоварӣ кардааст.

Пурсишномаи зан барои ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳамаи занони 15–49 сола истифода шудааст. Ба пурсидашудагон дар мавзӯъҳои зерин саволҳо дода шуданд:

- Маълумоти асосӣ: синну сол, санаи таваллуд, давомнокии истиқомат, ҷои истиқомати қаблӣ, саводнокӣ, таҳсилот, дастрасӣ ба ВАО, доштани телефони мобилӣ ва истифодаи он барои амалиёти молиявӣ, истифодаи Интернет

- Репродуксия: фарзандони таваллудшуда, таърихи ҳомиладорӣ, сабабҳои исқоти ҳамл, фавти кӯдакон, мавҷудияти шаҳодатномаи фавти кӯдак, ҳомиладории ҷорӣ, синну сол дар давраи ҳайзи аввал

- Пешгирии ҳомиладорӣ: дониш ва истифодаи пешгирикунанда, манбаъҳои усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ, маълумот дар бораи банақшагирии оила

- Ҳомиладорӣ ва нигоҳубини пас аз таваллуд, иммунизатсияи кӯдакон, саломатӣ ва ғизои кӯдакон: нигоҳубини пеш аз таваллуд, таваллуд, нигоҳубини пас аз таваллуд, амалияи синамаконӣ ва ғизодиҳии иловагӣ, фарогирӣ ба иммунизатсия, паҳншавӣ ва муроҷиат барои ёрии тиббӣ дар робита бо дарунравӣ, сирояти шадиди роҳҳои нафаскашӣ (СШРН) ва табларза, истифодаи ОРТ; амалияи ғизодиҳии кӯдакони ширмак ва хурдсол (ҒКШХ), гуногунии реҷаи ғизоии занон

- Издивоҷ ва фаъолияти ҷинсӣ: вазъи оилавӣ, синну сол дар издивоҷи аввал, синни алоқаи ҷинсии аввал, фаъолияти ҷинсии охирин, шумора ва намуди шарикони ҷинсӣ, занони дигар, истифодаи рифола

- Афзалиятҳои таваллуди фарзанд: хоҳиши таваллуди бештар, шумораи идеалии кӯдакон, афзалиятҳои гендерӣ, нияти истифодаи банақшагирии оила ва кӣ ин қарорро қабул мекунад, фишор барои ҳомиладор шудан, гузоришҳои ВАО дар бораи банақшагирии оила

- Маълумот дар бораи шавҳар ва кори зан: синну соли шавҳар, сатҳи таҳсилот ва шуғл, шуғли мусоҳиб, манбаъҳои даромад; қабули қарорҳо; хонадорӣ, муносибат ба латту кӯби зан
- ВНМО/БПНМ: дониш дар бораи БПНМ, роҳҳои интиқол, манбаъҳои иттилоот, рафтор барои пешгирӣ аз СТАҶГ ва БПНМ, стигма, таърихи санҷиши ВНМО
- Дигар мушкилоти саломатӣ: нӯшидани машрубот ва тамокукашӣ, ташхиси сина, санҷишҳои саратони гарданаки бачадон, мушкилоти дастрасӣ ба ёрии тиббӣ, бемориҳои ғайрисироятӣ (БҒС)
- Зӯроварии хонаводагӣ: маълумот дар бораи паҳншавӣ ва басомади зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ва эмотсионалӣ
- Тақвим: тақвими панҷсолаи рӯйдодҳои репродуктивӣ (таваллуд, ҳомиладорӣ, қатъ ва давомнокӣ, истифодаи пешгирикунандаҳо)

Азбаски сабти иммунизатсия дар хона дар Тоҷикистон нодир аст, дар ТТДТ инчунин маълумот дар бораи иммунизатсияи кӯдакон, ки дар муассисаҳои тиббӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҷамъоварӣ карда шуд, ки бо протоколи шабеҳ ба он, ки дар ТТДТ 2012 ва 2017 истифода шудааст, мувофиқат мекунад. Аз ҷумла, маълумот дар бораи иммунизатсия аз модарон ё тавассути дидани сабтҳо дар хона ё хотираҳои модарон ва инчунин аз шаклҳои иммунизатсия дар муассисаҳои тиббӣ ҷамъоварӣ карда шуданд. Дар ҳолати охирин, модароне, ки розигӣ медоданд, суроғаи муассиса ва номи корманди тиббиро пешниҳод карданд; сипас, нозири даста ба муассисаи тиббӣ ташриф овард ва сабтро дар бораи ҳар як кӯдаке, ки ҳуқуқи иштирок дар таҳқиқотро дорад, нусхабардорӣ кард.

Пурсишномаи биомаркерро барои сабти натиҷаҳои ченкунии антропометрикӣ ва сатҳи гемоглобини хун истифода бурда шуд.

Илова бар ин, бо ёрии Пурсишномаи мустақилона пурнамудаи корманди саҳроӣ маълумот дар бораи кормандоне, ки дар таҳқиқот иштирок кардаанд, ҷамъоварӣ карда шуд: супервизорҳо, мусоҳибакунандагонҳо ва биомаркерҳо.

Методологияи таҳқиқоти ТТДТ-2023 ва ҳамаи асбобҳо аз ҷониби Шӯрои Коршиносони ташкилоти ICF тасдиқ карда шуданд. Тибқи Қонун "Дар бораи омор", Агентии омор ваколатдор аст, ки дар Тоҷикистон таҳқиқоти хонаводаҳоро анҷом диҳад ва барои ТТДТ тасдиқи кумитаи маҳаллии ахлоқии мониторинги таҳқиқот талаб карда намешавад. Ҳукумати Тоҷикистон ба Агентии омор супориш додааст, ки ТТДТ-2023-ро дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (ВТҲИА) иҷро намояд; ҳамчунин фармони давлатӣ дар бораи таъсиси Кумитаи байнисоҳавии роҳбарикунандаи ТТДТ-2023 бароварда шуд, ки нақшаи тасдиқшуда ва протоколҳои гузаронидани таҳқиқотро назорат мекард.

## 2.3 Антропометрия ва Санҷиши Камхунӣ

Илова ба маълумоти дар мусоҳиба ҷамъоваришуда, ТТДТ-2023 ду биомаркерро дар бар мегирад: антропометрия ва санҷиши камхунӣ. Маълумот дар бораи андозагирии антропометрикӣ ва натиҷаҳои санҷиши камхунӣ дар Пурсишномаи биомаркер сабт шудааст. Протоколи санҷиши камхунӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва Шӯрои коршиносони ташкилоти ICF баррасӣ ва тасдиқ карда шуд.

**Антропометрия.** Андозагирии вазни бадан бо истифода аз тарозуи SECA бо дисплейи рақамӣ (рақами модел SECA 874) гузаронида шуд. Қад ва дарозӣ бо истифода аз қадченкуни ShorrBoard® чен карда шуданд. Кӯдакони то 24-моҳа хобида (дарозӣ) ва кӯдакони калонсол ва калонсолон истода (баландӣ) чен карда шуданд.

Барои арзёбии дақиқии ченкунӣ, 10% кӯдакони кластер ба таври тасодуфӣ барои ченкунии дубора интихоб карда шуданд. Барномаи ТТД фарқияти камтар аз 1 сантиметрро байни ду ченаки қад ҳамчун сатҳи қобили қабул муайян мекунад. Кӯдаконе, ки аз рӯи таносуби қад ба синну сол, вазни бадан ба қад ё вазни бадан ба синну сол камтар аз -3 ё зиёда аз 3 баҳо дода шудаанд, бори дуюм қайд ва чен карда шуданд. Барои таъмини ҳисоботи дақиқ дар бораи қад ченкунии такрории ҳолатҳои қайдшуда анҷом дода шуд. Ба волидон ё парасторони кӯдаконе ки аз рӯи таносуби вазни бадан ба қад 3 ё камтар баҳо дода шудаанд бо сабаби норасоии шадиди ғизо роҳхат дода шуд ва дастур дода шуд ки кӯдакро барои назорати минбаъда ба муассисаи тиббӣ баранд.

**Камхунӣ.** Намунаҳои хун барои санҷиши камхунӣ аз занони аз 15 то 49-сола гирифта шуданд, ки ба санҷиш розӣ шуданд. Намунаҳои хун инчунин аз кӯдакони аз 6 то 59 моҳа гирифта шудаанд, ки волидон ё парасторонашон барои санҷиш розигӣ додаанд. Намунаҳои хун аз қатраи хуне, ки аз нӯги ангушт (ё пошна дар кӯдакони 6–11 моҳа) гирифта шуда, дар микрокювет ҷамъоварӣ карда шуданд. Таҳлили гемоглобин дар маҳал бо истифода аз дастгоҳи сайёри hemocue® 201+, ки аз батарея нерӯ мегирад, гузаронида шуд. Натиҷаҳои санҷиш ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ пешниҳод карда шуданд. Ба волидон ё парасторони кӯдаконе, ки сатҳи гемоглобинашон аз 8 г/дл камтар аст, роҳхат дода шуд ва дастур дода шуд, ки кӯдакро барои назорати минбаъда ба муассисаи тиббӣ баранд. Ғайр аз он, калонсолон, сатҳи гемоглобини онҳо аз 8 г/дл камтар буд, барои назорати минбаъда фиристода шуданд.

## 2.4 Санҷиш ва МШХК Омӯзиши Мураббиён

Дар давоми 4 ҳафта аз 10 май то 3 июни соли 2023, 11 зан дар омӯзиши санҷиши пурсишномаҳои ТТДТ-2023 иштирок карданд. Аз 10 то 21 майи соли 2023 таълими синфӣ ва мундариҷаи пурсишномаҳо равона карда шуд. Ғайр аз он, иштирокчиён ба муассисаи тиббии маҳаллӣ ташриф оварданд, то сабтҳои санаи иммунизатсия аз сабтҳои тиббии кӯдакон ва дигар шаклҳои сабти иммунизатсияи дар муассисаи тиббӣ нигоҳдошташударо нусхабардорӣ кунанд. Аз 22 то 29 майи соли 2023 омӯзиш оид ба истифодаи системаи мусоҳибаи шахсии худкори компютерӣ (МШХК) - системаи электронии ҷамъоварии маълумот, ки дар компютерҳои планшетӣ барномарезӣ шудааст, ки иштирокчиён барои гузаронидани таҳқиқот истифода кардаанд, гузаронида шуд. Кормандони барномаи DHS ва мушовири ICF, ки дар шаҳри Душанбе воқеъ аст, бо дастгирии кормандони Агентии омор ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ таълим додаанд. Илова бар ин, мутахассисони пешбари ВТҲИА дар омӯзиш иштирок карданд ва маълумотро дар бораи банақшагирии оила ва саломатии репродуктивӣ, иммунизатсияи кӯдакон, инчунин саломатӣ ва ғизои кӯдакон пешниҳод карданд. Абдувалӣ Набизода аз Тоҷикистон дар бораи зӯроварии гендерӣ дар Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ маърӯза кард.

Омӯзиши биомаркерҳо дар синф 19 май оғоз ёфта, то 29 майи соли 2023 идома ёфт. Дар омӯзиш 6 нафар иштирокчиён иштирок карданд, ки ҳамаи онҳо мутахассисони дорои маълумоти тиббӣ буданд. Омӯзиш аз ҷониби кормандони Барномаи DHS бо забони англисӣ бо тарҷумаи пайдарпай ба забони русӣ ё тоҷикӣ гузаронида шуда, дастурҳои синфиро оид ба антропометрия, санҷиши камхунӣ ва сабти натиҷаҳо дар Пурсишномаи коғазии биомаркер дар бар мегирифт. Омӯзиш ба се қисм тақсим карда шуд: дарсҳо дар синф оид ба антропометрия ва камхунӣ, машқҳои стандартикунонӣ ва амалияи ченкунӣ дар синф ва сипас таҷрибаи саҳроӣ бо мусоҳибон. Омода кардани биомаркерҳо (ҳам занон ва ҳам мардон) дар синф дар ҳамон ҷое, ки омӯзиши мусоҳибон гузаронида мешуд, гузаронида шуд, ки имкон дод, ки ҳамкории зичи биомаркерҳо ва мусоҳибон таъмин карда шавад.

Корҳои саҳроии санҷишӣ аз 30 май то 2 июни соли 2023 гузаронида шуданд. Мусоҳибон ва биомаркерҳо ба се даста тақсим карда шуданд ва дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чоргултеппа (дар маҳаллаҳои шаҳрнишин ва деҳот) кор мекарданд. Дар маҷмӯъ 72 мусоҳиба бо занон ва 48 мусоҳиба бо хонаводаҳо гузаронида шуд; илова бар ин, 36 пурсишномаи биомаркер пур карда шуд. Аксари мусоҳибаҳо бо забони тоҷикӣ гузаронида шуданд. Чилу чор зан

барои камхунӣ чен ва санҷида шуданд; дар байни кӯдакон, 30 нафар чен карда шуданд ва 25 нафар барои камхунӣ санҷида шуданд. Дар охири ҳар рӯз, ҳам вақти озмоишии саҳроӣ ва ҳам пас аз ба итмом расидани онҳо, ҳамаи дастаҳо дар охири рӯз дар идораи марказӣ барои муҳокимаи корҳои саҳроӣ ҷамъ меомаданд ва ҳама тағйиротҳо дар пурсишномаҳо дар асоси дарсҳои дар натиҷаи санҷиш ба даст овардашуда ворид карда шуданд.

Омӯзиши мураббиёни МШХК (ОМ) 5 июн оғоз ёфт ва панҷ рӯз идома ёфт. Барои иштирок дар МШХК ОМ шаш мутахассиси IT аз Агентии омор таъйин карда шуданд, ки аксари онҳо қаблан дар вақти санҷиш омӯзиш гирифта буданд. Ҳадафҳои МШХК ОМ таъмин намудани мундариҷаи техникӣ ва маводи таълимии системаи МШХК ва мустаҳкам кардани малакаҳои иштирокчиён дар гузаронидани омӯзиш буданд, то онҳо дар омӯзиши асосӣ нақши пешбарро бозанд.

## 2.5 ОМӮЗИШИ КОРМАНДОНИ САҲРОӢ

Ҳаштоду се нафар (ҳама занон) дар курси асосии 4-ҳафтаинаи мусоҳиба, ки аз лексияҳо, намоишҳо ва мусоҳибаҳои амалӣ иборат буд, иштирок карданд. Дар омӯзиши биомаркерҳо барои ТТДТ 35 нафар (24 зан ва 11 мард) иштирок карданд, ки ҳамаи онҳо ин ё он омодагии клиникӣ ё таҷрибаи гузаронидани таҳқиқоти тиббиро доштанд.

Омӯзишҳои мураббиён (ОМ) 3–5 июли соли 2023 то омӯзишҳои асосӣ гузаронида шуданд. Мақсади ОМ тайёр кардани мураббиён-устодон ба курси асосии таълим буд. Ҳафт мураббӣ (ҳама занон) аз 11 иштирокчии санҷиш дар асоси натиҷаҳои кори худ интихоб карда шуданд. Мураббиён тавассути шӯъбаҳои минтақавии Агентии омор ҷалб карда шуданд; баъдтар онҳо ҳамчун нозирони дастаҳо ё нозирони саҳроӣ барои назорати сифат ё ҳамоҳангсозони минтақавӣ ҳангоми ҷамъоварии маълумот ТТДТ-2023 баромад карданд.

Омӯзиши асосӣ оид ба корҳои саҳроӣ аз 6 июл то 4 августи соли 2023 таҳти роҳбарии ҳафт мураббӣ-устод бо дастгирии кормандони Барномаи DHS гузаронида шуд. Омӯзиши мусоҳибон бо забони тоҷикӣ гузаронида шуда, дар сессияҳо консепсияҳо, тартибот ва методологияи гузаронидани пурсиш муҳокима карда шуданд. Ба иштирокчиён мазмуни пурсишномаҳоро шарҳ доданд. Ғайр аз он, дар дарсҳо мутахассисони пешбари Вазорати тандурустӣ ширкат варзиданд, ки дар бораи мавзӯъҳо, аз қабили банақшагирии оила ва солимии репродуктивӣ, иммунизатсияи кӯдакон ва саломатӣ ва ғизои кӯдакон сӯҳбат карданд. Абдувалӣ Набизода аз Тоҷикистон дар бораи зӯроварии гендерӣ дар Тоҷикистон маъруза кард. Омӯзиш презентатсияҳо, лексияҳо, машқҳои амалӣ, мусоҳибаҳои озмоишӣ, бозиҳои нақшбозӣ, кори гурӯҳӣ, видеоҳои таълимӣ ва викторинаҳоро дар бар гирифт. Машқҳои синфӣ санҷиши синну сол, санҷиши мутобиқати синну сол, нусхабардории маълумот аз кортҳои иммунизатсия, пур кардани тақвими репродуктивӣ ва амалияи мусоҳибаро дар бар мегирифтанд. Ҳама иштирокчиён инчунин дар бораи санҷиши мавҷудияти йод дар намаки хонагӣ таълим гирифтаанд.

Пас аз анҷоми омӯзиш бо истифода аз пурсишномаҳои коғазӣ кормандони Агентии омор ва мушовири ICF аз Душанбе бо дастгирии кормандони Барномаи DHS омӯзиши якҳафтаинаи мусоҳибаи шахсии худкори компютерӣ (МШХК) - ро бо забони тоҷикӣ гузарониданд. Панҷ мутахассиси IT, ки дар доираи барномаи МШХК ОМ таҳсил кардаанд, инчунин дар гузаронидани омӯзиш кӯмак карданд. Аз 19 то 28 июли соли 2023 иштирокчиён хусусиятҳои системаи ҷамъоварии маълумот, ҳолатҳои гуногун ва мушкилоти техникиро, ки одатан дар ҷараёни корҳои саҳроӣ дучор меоянд, инчунин роҳҳои ҳалли мушкилотро омӯхтанд.

Омӯзиши биомаркерҳо дар синф 19 июл оғоз ёфта, то 28 июли соли 2023 идома ёфт. Ин омӯзиш аз ҷониби кормандони Барномаи DHS бо ёрии ду мураббӣ-устоди биомаркер гузаронида шуд. Ба омӯзиш инчунин се мураббии иловагӣ кӯмак карданд, ки дар вақти санҷиш иштирок карданд ва дар ҳама расмиёти биомаркерҳо маҳорат нишон доданд. Маводҳои таълимӣ бо забони русӣ бо тавзеҳоти иловагӣ ба забони тоҷикӣ дар ҳолати зарурӣ барои фаҳмиши шунавандагон пешниҳод карда шуданд.

Омӯзиши биомаркер ба чор қисм тақсим карда шуд: (1) омӯзиш дар синф дар раванди ТТДТ-2023, меъёрҳои мутобиқат, розигии огоҳона ва сабти дурусти натиҷаҳо дар пурсишномаи биомаркер дар коғаз; (2) кор дар синф ва омодагии амалӣ оид ба усулҳои антропометрияи DHS, аз ҷумла машқҳои стандартикунонӣ; (3) дар синф ва машғулиятҳои амалӣ оид ба ҷамъоварии хуни капиллярӣ ва санҷиши камхунӣ; ва (4) кори амалӣ дар саҳро бо мусоҳибон. Омодасозии биомаркерҳо дар синф дар ҳамон ҷойи гузаронидани омӯзиши мусоҳибон гузаронида шуд, ки имкон дод ҳамкории зич байни биомаркерҳо ва мусоҳибон таъмин карда шавад.

Дар мавриди антропометрия, биомаркерҳо барои чен кардани қад ва вазни бадани кӯдакон ва калонсолон омӯзонида шудаанд. Омӯзиш оид ба ченкунии қади кӯдакон машқҳои стандартикунонӣ ва стандартикунонии такрориро барои он биомаркерҳо дар бар гирифт, ки ба машқҳои стандартикунонӣ тоб оварда натавонистанд. Ба иштирокчиён натиҷаҳои нозири дохилӣ ва нозири вариантҳои ҳамон ченкунӣ, инчунин мафҳумҳои дурустӣ ва дақиқии ченкунӣ шарҳ дода шуданд.

Барои он ки ба иштирокчиёни тренинг оид ба биомаркерҳо таҷрибаи амалӣ пеш аз оғози амалияи саҳроӣ пешниҳод карда шавад, биомаркерҳо малакаҳоро дар ҳамдигар ва дигар кормандони Агентии омор, Барномаи DHS ва мусоҳибон тамрин карданд. Шаш модар бо кӯдакон дар оғози омӯзиши антропометрия ба омӯзиш ташриф оварданд, то протоколҳои андозагириро бо калонсолон ва кӯдакон дар вақти воқеӣ намоиш диҳанд. Пас аз ин намоишҳо ва омӯзиши минбаъдаи усулҳои антропометрия дар синф, машқҳои стандартикунонӣ оид ба антропометрия дар ҳуҷрае, ки омӯзиш гузаронида мешуд, гузаронида шуданд. Дар давоми панҷ рӯзи амалия ва стандартикунонӣ Агентии омор дар маҷмӯъ иштироки тақрибан 110 кӯдакро дар тренинг ташкил кард.

Илова бар ин, сессияи махсуси антропометрия бо ҳамаи нозирони дастаҳо гузаронида шуд. Дар рӯзи охирини дарс дар синф, кормандони Барномаи DHS бо нозирон мулоқот карданд, то истифодаи рӯйхатҳои назоратии ба онҳо додашударо барои кӯмак дар назорати кори биомаркерҳо шарҳ диҳанд. Ба супервайзерҳо инчунин хулосаи расмиёти ченкунии такрорӣ дода шуд, ки дар он супервайзер ва биомаркерҳо тақрибан ба назди 2–3 кӯдак дар кластер барои санҷиши сифати ченкунии антропометрӣ дубора ташриф меоранд.

Инчунин, барои беҳтар кардани ҳамоҳангсозии кори даста дар Агентии омор дар синф бо мусоҳибон пеш аз ба амалияи саҳроӣ рафтан машғулияти муштарак ташкил карда шуд. Ба ҳамаи иштирокчиёни тренинг ва кормандони Агентии омор шарҳи ҷамъоварии биомаркерҳо дар ТТДТ-2023 нишон дода шуд. Дар ин шарҳ меъёрҳои интихобро барои ҷамъоварии биомаркерҳо, истифодаи пурсишномаҳои хонаводаҳо ва биомаркер барои сабти маълумот, расмиёти дурусти гирифтани розигии огоҳона ва логистикаи бастабандӣ ва интиқолро шарҳ дода шуданд. Ба ҷамъоварии маълумоти босифат диққати махсус дода шуд. Ҳамаи иштирокчиён инчунин дар бораи чӣ гуна кӯмак расонидан ба андозагирии антропометрӣ дастури мухтасар гирифтанд.

Дар тӯли тренинг, иштирокчиён тавассути машқҳои синфӣ, санҷишҳо ва мушоҳидаҳо ҳангоми амалияи саҳроӣ баҳо дода шуданд. Дар охири тренинг дастаҳо тавассути интихоби нозирон, мусоҳибон ва биомаркерҳо ташкил карда шуданд. Нозирон дар бораи расмиёти назорати сифати маълумот, ҳамоҳангсозии корҳои саҳроӣ, идоракунӣ ва ҷамъоварии сабтҳои иммунизатсия аз шакли 63 – и ВТҲИА ва харитаҳои рушди кӯдак бевосита ба компютерҳои планшетӣ омӯзиши иловагӣ гирифтанд.

Барои гузаронидани таҷрибаи саҳроӣ, супервайзерҳо, мусоҳибон ва биомаркерҳо ба 18 даста тақсим карда шуданд, ки ҳар кадоми онҳо аз як супервайзер, чор мусоҳиб ва ду биомаркер иборат буданд. Таҷрибаи саҳроӣ дар деҳаи Тесгар дар минтақаи НТҶ дар 18 кластер бо хонаводаҳои пешакӣ ба рӯйхат дохилшуда дар кластерҳое, ки ба намунаи интихобӣ дохил карда нашудаанд, гузаронида шуд, ки дар он дастаҳо имконият доштанд, ки дар вазъияти воқеӣ пурсиш гузаронанд. Амалияи саҳроӣ дар давоми 3 рӯз (29–31 июли соли 2023) гузаронида шуд. Барои гузаронидани пурсиш ҳар як мусоҳибагузарон дар як рӯз ба на камтар аз ду хонавода ташриф меовард. Дар

амалияи саҳрой дар маҷмӯъ 269 мусоҳиба бо занон ва 169 мусоҳиба бо хонаводаҳо гузаронида шуд. Барои коркарди ҷамъоварии биомаркерҳо тақрибан 238 зан чен карда шуд ва 201 нафар барои камхунӣ санҷида шуданд. Дар байни кӯдакон 174 андозагирӣ шуданд ва 113 барои камхунӣ санҷида шуданд.

## 2.6 Корҳои Саҳрой

Ҷамъоварии маълумот аз ҷониби 15 дастаи саҳрой амалӣ карда шуд, ки ҳар кадоми онҳо аз як зан-супервизор, чор мусоҳиби зан ва ду биомаркер (ҳадди аққал яке аз онҳо зан буд) иборат буд. Корҳои саҳрой дар аксари минтақаҳо 10 августи соли 2023 оғоз ёфта, 28 ноябри соли 2023 ба анҷом расиданд.

Мониторинги корҳои саҳрой қисми ҷудонопазири ТТДТ буд. Кормандони калони техникии ТТДТ аз Агентии омор, се монитори назорати сифати саҳрои ТТД, се монитори саҳрои назорати сифати биомаркерҳо, панҷ ҳамоҳангсози саҳрой ва чор ҳамоҳангсози МШХК мунтазам ба дастаҳо барои баррасии кор ва мониторинги сифати маълумот ташриф меоварданд. Намояндагони Барномаи DHS инчунин ба гурӯҳҳо барои назорат кардани ҷамъоварии маълумот ва назорати санҷиши камхунӣ ва чен кардани қад ва вазни занон ва кӯдакони то 5-сола ташриф оварданд. Ҳангоми сафар ба маҳалҳо, кормандон ба гурӯҳҳое (супервайзер, мусоҳибон ва биомаркерҳо), ки ташриф меоварданд, тавсияҳои муҳим дар асоси он чизе, ки онҳо барои беҳтар кардани кори худ диданд, медоданд. Ғайр аз он, онҳо ҷадвалҳои санҷиши саҳроии ТТДТ- ро дар асоси маълумот аз кластерҳои анҷомёфта барои нишон додани мушкилоти хоси ҳар як дастаи боздидшуда истифода бурданд. Ҷадвалҳои назоратии саҳрой дар асоси пурсишномаҳои пуркардашуда, ки дар ҷараёни корҳои саҳрой ҷорӣ карда шуданд, дар реҷаи вақти воқеӣ ба андозаи пешрафти корҳои саҳрой сохта шуданд ва тавассути платформаи SyncCloud онлайн дастрас буданд. Ҷадвалҳо бо кормандони Агентии омор ба таври доимӣ баррасӣ ва муҳокима карда шуданд, то гурӯҳҳои саҳрой аз мушкилоти сифати маълумоте, ки дар ҷараёни корҳои саҳрой ошкор шудаанд, огоҳ карда шаванд ва дар тӯли тамоми корҳои саҳрой ҷамъоварии пайвастаи маълумоти босифат таъмин карда шавад.

## 2.7 Коркарди Маълумотҳо

ТТДТ-2023 системаро дар пойгоҳи Windows истифода бурд. Ҳамаи файлҳои электронии додаҳо тавассути сервери ҳифзшудаи SyncCloud ба идораи марказии Агентии омор дар Душанбе интиқол дода мешуданд, ки дар он ҷо дар компютери бо рамз муҳофизатшуда нигоҳ дошта мешуданд. Амалиёти коркарди маълумотҳо таҳрири дуюмдараҷаро дар бар мегирифт, ки бартараф кардани номувофиқатиҳои ошкорнамудаи компютер ва рамзгузории масъалаҳои кушодро талаб мекард. Маълумотҳо аз ҷониби панҷ мутахассиси IT/муҳаррирони дуюмдараҷа коркард карда шуд, ки дар омӯзиши асосӣ оид ба корҳои саҳрой, омӯзиши мураббиён ва омӯзиши таҳрири дуюмдараҷа иштирок карданд; онҳо зери назорати фосилавии кормандони Барномаи DHS қарор доштанд. Таҳрири маълумотҳо бо истифода аз нармафзори CSPro амалӣ карда шуд. Таҳрири дуюмдараҷа ва коркарди додаҳо моҳи декабри соли 2023 оғоз ёфта, моҳи феврали соли 2024 ба анҷом расид.

# 3 ХУЛОСАҲОИ АСОСӢ

## 3.1 САТҲИ ПОСУХДИҲӢ

Дар **Ҷадвали 1** нишондиҳандаҳои посухдиҳӣ дар ТТДТ-2023 оварда шудаанд. Дар маҷмӯъ, барои намунаи интихобии ТТДТ 8 140 хонавода интихоб карда шуд, ки 8 070 нафари онҳо аҳолӣ доштанд. Аз хонаводаҳои аҳолинишин 8 035 нафар бомуваффақият пурсида шуданд, ки дар натиҷа ҳиссаи посухдиҳандагон зиёда аз 99% - ро ташкил дод. Дар хонаводаҳои пурсидашуда 9,930 зани аз 15 то 49 сола ҳамчун дорои ҳуқуқи мусоҳибаҳои инфиродӣ муайян карда шуданд. Мусоҳиба бо 9 879 зан гузаронида шуд, ки дар натиҷа фоизи посухдиҳандагон зиёда аз 99% - ро ташкил дод.

**Ҷадвали 1 Натиҷаҳои мусоҳиба бо хонаводаҳо ва мусоҳибаҳои инфиродӣ**

Шумораи хонаводаҳо, шумораи мусоҳибаҳо ва нишондиҳандаҳои посухдиҳӣ, мувофиқи ҷойи истиқомат (андозагиринашуда), ТТД Тоҷикистон 2023

| | Ҷойи зист | | |
|---|---|---|---|
| Натиҷа | Шаҳр | Деҳа | Ҳамагӣ |
| **Мусоҳибаи хонаводаҳо** | | | |
| Хонаводаҳои интихобшуда | 3 652 | 4 488 | 8 140 |
| Хонаводаҳои аҳолинишин | 3 620 | 4 450 | 8 070 |
| Хонаводаҳои мусоҳибашуда | 3 597 | 4 438 | 8 035 |
| Нишондиҳандаи посухдиҳии хонаводаҳо[1] | 99.4 | 99.7 | 99.6 |
| **Мусоҳиба бо занони 15–49 сола** | | | |
| Шумораи заноне, ки бояд мусоҳиба кунанд | 4 245 | 5 685 | 9 930 |
| Шумораи занони мусоҳибашуда | 4 218 | 5 661 | 9 879 |
| Нишондиҳандаи посухдиҳии занони мусоҳибашуда[2] | 99,4 | 99,6 | 99,5 |

[1] Хонаводаҳои мусоҳибашуда/хонаводаҳои аҳолинишин.
[2] Посухдиҳандагони мусоҳибашуда/посухдиҳандагоне, ки бояд бо онҳо мусоҳиба гузаронда шавад.

## 3.2 ТАВСИФИ ПОСУХДИҲАНДАГОН

Дар **Ҷадвали 2** рақамҳои ченшуда ва ченнашуда ва тақсимоти фоизи занони дар доираи ТТДТ-2023 пурсидашуда аз рӯи хусусиятҳои асосии интихобшуда оварда шудаанд. Натиҷаҳое, ки дар ин ҳисобот оварда шудаанд, ба додаҳои ченшуда асос ёфтаанд, ки барои кишвар дар маҷмӯъ, шаҳрҳо ва деҳот дар алоҳидагӣ ва минтақаҳои кишварро ифода менамоянд.

Сеяки (34%) пурсидашудагони таҳқиқот аз 25 сола хурдтар мебошанд.

Ҳашт нафар аз 10 нафари пурсидашудагон (84%) гуфтанд, ки саломатии онҳо хуб ё хеле хуб аст; танҳо 2% гузориш доданд, ки саломатии онҳо бад ё хеле бад аст.

Аксари (75%) пурсидашудагон ҳоло оиладор ҳастанд ё бо шарики худ зиндагӣ мекунанд, гӯе ки онҳо оиладор бошанд; 5% талоқ гирифтаанд, ҷудо зиндагӣ мекунанд ё бева шудаанд.

Аксарияти пурсидашудагони ТТДТ-2023 дар деҳот (73%) зиндагӣ мекунанд.

Дар тақсимоти пурсидашудагон аз рӯи минтақаҳо паҳншавии назаррас ба назар мерасад. Зиёда аз сеяки (36%) пурсидашудагон дар вилояти Хатлон зиндагӣ мекунанд, дар муқоиса бо 2% дар ВМКБ.

Занон дар Тоҷикистон одатан маълумоти хуб доранд. Дувоздаҳ фоизи пурсидашудагон маълумоти олӣ доранд, 8 фоизи онҳо маълумоти ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ доранд, 43 фоизи онҳо маълумоти миёнаи умумӣ доранд, 33 фоизи онҳо маълумоти асосии умумӣ доранд, танҳо 1 фоизи пурсидашудагон ҳеҷ гоҳ ба мактаб нарафтаанд ва 3 фоизи онҳо танҳо ба мактаби ибтидоӣ рафтаанд.

**Ҷадвали 2 Хусусиятҳои асосии пурсидашудагон**

Тақсимоти фоизии занони синни 15–49 сола аз рӯи хусусиятҳои асосии интихобӣ, ТТД Тоҷикистон 2023

| Тавсифи асосӣ | Фоизи ченшуда | Шумораи ченшуда | Шумораи ченнашуда |
|---|---|---|---|
| **Синну сол** | | | |
| 15–19 | 17,3 | 1 710 | 1 714 |
| 20–24 | 16,4 | 1 616 | 1 566 |
| 25–29 | 15,8 | 1 559 | 1 508 |
| 30–34 | 15,6 | 1 545 | 1 518 |
| 35–39 | 14,5 | 1 435 | 1 464 |
| 40–44 | 11,1 | 1 096 | 1 154 |
| 45–49 | 9,3 | 917 | 955 |
| **Худбаҳодиҳии вазъи саломатӣ** | | | |
| Хеле хуб | 20,8 | 2 059 | 1 946 |
| Хуб | 62,7 | 6 193 | 6 009 |
| Миёна | 14,6 | 1 442 | 1 732 |
| Бад | 1,8 | 173 | 181 |
| Хеле бад | 0,1 | 12 | 11 |
| **Вазъи оилавӣ** | | | |
| Ҳеҷ гоҳ оиладор нашудааст | 19,9 | 1 964 | 2 107 |
| Шавҳардор | 74,4 | 7 349 | 7 151 |
| Дар якҷоягӣ зиндагӣ мекунад | 0,4 | 43 | 52 |
| Ҷудо шудааст/алоҳида зиндагӣ мекунад | 3,9 | 385 | 412 |
| Бева | 1,4 | 137 | 157 |
| **Ҷойи зист** | | | |
| Шаҳр | 27,4 | 2 705 | 4 218 |
| Деҳа | 72,6 | 7 174 | 5 661 |
| **Минтақа** | | | |
| Душанбе | 10,9 | 1 077 | 2 006 |
| ВМКБ[1] | 1,6 | 157 | 815 |
| Суғд | 28,1 | 2 780 | 2 117 |
| НТҶ[2] | 23,9 | 2 356 | 2 277 |
| Хатлон | 35,5 | 3 509 | 2 664 |
| **Ноҳияҳои ОХФ**[3] | 19,6 | 1 937 | 1 354 |
| **Таҳсилот** | | | |
| Бе таҳсилот | 1,3 | 129 | 113 |
| Ибтидоӣ | 3,2 | 314 | 284 |
| Асосии умумӣ | 33,1 | 3 271 | 3 153 |
| Миёнаи умумӣ | 42,8 | 4 230 | 3 882 |
| Касбии ибтидоӣ | 1,2 | 121 | 145 |
| Касбии миёна | 6,6 | 656 | 757 |
| Олӣ | 11,7 | 1 157 | 1 545 |
| **Квинтили некӯаҳволӣ** | | | |
| Пасттарин | 18,6 | 1 842 | 1 636 |
| Дуввум | 19,9 | 1 967 | 1 594 |
| Миёна | 19,9 | 1 966 | 1 603 |
| Чаҳорум | 19,9 | 1 964 | 1 756 |
| Олӣ | 21,7 | 2 140 | 3 290 |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 9 879 | 9 879 |

Эзоҳ: категорияҳои таҳсилот ба сатҳи баландтарини таҳсилотиноилшуда, новобаста аз он ки ин сатҳ ба итмом расидааст ё не, ишора мекунанд.

[1] Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

[2] Ноҳияҳои Тобеъи Ҷумҳурӣ

[3] Маълумотҳо ба маълумоти дар хонаводаҳо ҷамъоваришуда, ки дар 44 кластер дар 12 ноҳияи ба ноҳияҳои озмоишии ташаббуси "Озуқаворӣ ба хотири фардо" (ОХФ) дар вилояти Хатлон дохилшуда интихоб шудаанд, асос ёфтаанд.

## 3.3 ТАВАЛЛУДИ ФАРЗАНД

Дар **Ҷадвали 3** коэффитсиентҳои ҷамъбастии таваллуд (КҶТ) ва коэффитсиентҳои синну солии таваллуд (КСТ) дар байни занон аз рӯи гурӯҳҳои синну солии 5-сола барои давраи 3-сола, ки пеш аз таҳқиқот буд, нишон дода шудааст.

> **Коэффитсиенти ҷамъбастии таваллуд**
> Шумораи миёнаи кӯдаконе, ки зан метавонад дар охири синни таваллуди фарзанд дошта бошад, агар вай дар коэффитсиенти таваллуди синну солии ҷорӣ таваллуд кунад. Коэффитсиентҳои синну солии таваллуд барои 3 соли пеш аз таҳқиқот дар асоси таърихи муфассали ҳомиладорӣ, ки занон пешниҳод кардаанд, ҳисоб карда мешаванд.
> **Намунаи интихобӣ:** Занони аз 15 то 49 сола

- Агар таваллуд дар сатҳи имрӯза бетағйир боқӣ мемонд, зан дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна дар давоми умри худ 3,5 фарзанд ба дунё меовард.
- Таваллуд дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо каме баландтар аст. Ба ҳисоби миёна, занони деҳот дар тӯли умри худ 3,5 кӯдак таваллуд мекунанд, дар муқоиса бо занони шаҳрӣ, ки 3,2 кӯдак таваллуд мекунанд.
- Таваллуд дар байни наврасон паст аст (47 таваллуд ба 1 000 зани синни 15–19 сола), ба 280 таваллуд ба 1 000 зани синни 20–24 сола мерасад ва сипас коҳиш меёбад.

**Тамоюлҳо:** Тавре ки дар **Расми 1** нишон дода шудааст, КҶТ дар солҳои 2012 ва 2017 дар сатҳи 3,8 кӯдак устувор монд ва сипас дар соли 2023 ба 3,5 кӯдак коҳиш ёфт. Ин тамоюли коҳиш дар байни заноне, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, назар ба шаҳр бештар ба назар мерасад. КҶТ дар деҳот аз 3,9 дар соли 2017 то 3,5 дар соли 2023 коҳиш ёфт, Дар ҳоле ки дар шаҳрҳо КҶТ аз 3,3 дар соли 2012 то 3,0 дар соли 2017 коҳиш ёфт ва сипас дар соли 2023 ба 3,2 расид.

**Ҷадвали 3 Таваллуди ҷорӣ**

Коэффитсиенти синну солӣ, ҷамъбастӣ, махсус ва умумии таваллуд, барои 3 соли пеш аз таҳқиқот, мутобиқи ҷои истиқомат, ТТД Тоҷикистон 2023

| Гурӯҳи синну солӣ | Ҷойи зист: Шаҳр | Ҷойи зист: Деҳа | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| 10–14 | [0] | [0] | [0] |
| 15–19 | 36 | 51 | 47 |
| 20–24 | 245 | 292 | 280 |
| 25–29 | 192 | 184 | 186 |
| 30–34 | 107 | 107 | 107 |
| 35–39 | 56 | 58 | 58 |
| 40–44 | 12 | 15 | 14 |
| 45–49 | [2] | [2] | [2] |
| КҶТ (15–49) | 3,2 | 3,5 | 3,5 |
| КМхТ | 112 | 128 | 124 |
| КУТ | 25,4 | 27,8 | 27,1 |

Эзоҳ: Коэффитсиенти синну солии таваллуд ба 1 000 зан нишон дода шудааст. Баҳоҳо дар қавсҳо кам карда шудаанд. Коэффитсиентҳо барои давраи аз 1 то 36 моҳи пеш аз таҳқиқот нишон дода шудаанд. Коэффитсиентҳо барои гурӯҳи синну солии 10–14 сола ба маълумоти ретроспективии занони 15–17-солаи асос ёфтаанд.
КҶТ: коэффитсиенти ҷамъбастии таваллуд, ки дар ҳисоби як зан ифода ёфтааст
КМхТ: коэффитсиенти махсуси таваллуд, ки ба 1 000 зани синни 15–44 сола ифода ёфтааст
КУТ: Коэффитсиенти умумии таваллуд ба 1 000 аҳолӣ

### *Расми 1* Тамоюлҳои таваллуд аз рӯи ҷои истиқомат

*КҶТ дар 3 соли пеш аз таҳқиқот*

Таносуби қад ба синну сол ченаки сустшавии қадкашӣ аст. Кӯдаконе, ки таносуби қад ба синну соли z-хол аз минуси ду инҳирофи стандартӣ (-2 инҳирофи стандартӣ) аз медианаи аҳолии истинодӣ камтар аст, барои синну соли худ (бо таъхири қадкашӣ) паст ҳисобида мешаванд. Кӯдаконе, ки z-холашон аз минуси се инҳирофи стандартӣ (-3 ИС) аз медиана камтар аст, дар қадкашӣ хеле қафо мондаанд.

***Намунаи интихобӣ:*** Кӯдакони то 5-сола

**Лоғарӣ (аз рӯи таносуби вазни бадан ва қад баҳо дода мешавад)**

Индекси таносуби вазни бадан ба қад вазни баданро нисбат ба баландӣ ё дарозии бадан чен мекунад ва камғизоии шадидро тавсиф мекунад. Кӯдаконе, ки таносуби вазн ба қад z-холҳо аз минуси ду инҳорофи стандартӣ (-2 инҳирофи стандартӣ) аз медианаи аҳолии истинодӣ камтар аст, лоғар ҳисобида мешаванд. Кӯдаконе, ки z-холашон аз минуси се инҳирофи стандартӣ (-3 ИС) аз медиана камтар аст, хеле лоғар ҳисобида мешаванд.

***Намунаи интихобӣ:*** Кӯдакони то 5-сола

**Вазни ками бадан (бо таносуби вазни бадан ва синну сол баҳо дода мешавад)**

Таносуби вазни бадан ба синну сол индекси таркибии вобастагии қад аз синну сол ва вазни бадан аз қад мебошад, ки ҳам лоғаршавӣ ва ҳам таъхири қадкаширо ба назар мегирад. Кӯдаконе, ки таносуби вазни бадан ба синну солашон z-хол аз ду инҳирофи стандартӣ (-2 инҳирофи стандартӣ) аз медианаи аҳолии истинодӣ камтар аст, ҳамчун кӯдакони вазни баданашон кам тасниф карда мешаванд. Кӯдаконе, ки z-холи онҳо аз минуси се инҳирофи стандартӣ (-3 инҳирофи стандартӣ) аз медиан камтар аст, дараҷаи вазнини камии вазни бадан дошта ҳисобида мешаванд.

***Намуна:*** Кӯдакони то 5-сола

**Вазни зиёдатӣ (аз рӯи таносуби вазни бадан ва қад баҳо дода мешавад)**

Кӯдаконе, ки таносуби вазни баданашон ба қад зиёда аз ду инҳирофи стандартӣ (+2 ИС) аз медианаи популятсияи истинодӣ аст, дорои вазни зиёдатӣ ҳисобида мешаванд.

***Намунаи интихобӣ:*** Кӯдакони то 5-сола

Дар ТТДТ-2023 – 5 040 кӯдаки то 5-сола муайян шуданд, ки ҳуқуқи чен кардани қад ва вазнро доштанд. Фоизи маълумоти боэътимод аз рӯи таносуби қад ба синну сол, вазни бадан ба қад ва вазни бадан ба синну сол 98% - ро ташкил медиҳад (маълумот нишон дода нашудааст). Натиҷаҳои таносуби қад ва синну сол, вазни бадан ва қад ва вазни бадан ва синну сол дар **Ҷадвали 13** оварда шуданд.

- 14% кӯдакони то панҷсола дар қадкашӣ қафо мондааанд (барои синну солашон паст) ва 4% дар шакли вазнин.

- 6% кӯдакони то панҷсола лоғар ҳастанд (барои қади худ лоғар) ва 5% вазни зиёдатӣ доранд.

- 5% кӯдакони то панҷсола вазни бадани кам ва 1% шакли мушкили вазни ками бадан доранд.

**Ҷадвали 13 Вазъи ғизохӯрии кӯдакон**

Фоизи кӯдакони то 5-сола, ки мувофиқи се индекси антропометрии қади кӯдакон ҳамчун истеъмолкунандаи ғизои нокифоя тасниф карда мешаванд: қад-ба-синну сол, вазни бадан-ба-қад ва вазни бадан-ба-синну сол, мувофиқи тавсифҳои асосӣ, ТТД Тоҷикистон-2023

| | Қад ба синну сол[1] | | | | Вазни бадан нисбати қад | | | | | Вазни бадан нисбат синну сол | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тавсифи асосӣ | Фоиз пасттар аз -3 ИС | Фоиз пасттар аз -2 ИС[2] | Z-баҳои миёна (ИС) | Шумораи кӯдакон | Фоиз пасттар аз -3 ИС | Фоиз пасттар аз -2 ИС[2] | Фоиз бала-ндтар аз +2 ИС | Z-баҳои миёна (ИС) | Шумораи кӯдакон | Фоиз пасттар аз -3 ИС | Фоиз пасттар аз -2 ИС[2] | Z-баҳои миёна (ИС) | Шумораи кӯдакон |
| **Синну сол дар моҳҳо** | | | | | | | | | | | | | |
| <6 | 1,7 | 5,8 | 0,3 | 626 | 5,4 | 14,6 | 5,0 | -0,4 | 632 | 0,6 | 4,0 | -0,1 | 641 |
| 6–11 | 3,3 | 9,3 | -0,1 | 557 | 1,5 | 9,4 | 3,3 | -0,1 | 554 | 0,7 | 5,2 | -0,2 | 558 |
| 12–23 | 3,8 | 13,6 | -0,6 | 1 033 | 1,4 | 9,3 | 4,5 | -0,1 | 1 038 | 1,0 | 6,4 | -0,4 | 1 044 |
| 24–35 | 4,3 | 16,9 | -0,9 | 988 | 0,7 | 2,7 | 4,6 | 0,2 | 988 | 0,9 | 4,7 | -0,3 | 996 |
| 36–47 | 5,8 | 17,0 | -0,9 | 1 057 | 0,9 | 3,3 | 5,2 | 0,1 | 1 052 | 1,2 | 6,5 | -0,4 | 1 060 |
| 48–59 | 3,7 | 14,3 | -0,9 | 1 037 | 1,0 | 3,4 | 4,4 | 0,1 | 1 030 | 0,6 | 3,7 | -0,4 | 1 045 |
| 0–23 | 3,1 | 10,3 | -0,2 | 2 216 | 2,5 | 10,8 | 4,3 | -0,2 | 2 224 | 0,8 | 5,4 | -0,2 | 2 243 |
| 24–59 | 4,6 | 16,1 | -0,9 | 3 082 | 0,9 | 3,2 | 4,7 | 0,2 | 3 069 | 0,9 | 5,0 | -0,4 | 3 102 |
| **Ҷинс** | | | | | | | | | | | | | |
| Мард | 4,1 | 15,1 | -0,6 | 2 782 | 2,1 | 6,9 | 3,9 | -0,0 | 2 765 | 1,1 | 5,6 | -0,4 | 2 793 |
| Зан | 3,8 | 12,0 | -0,6 | 2 516 | 1,1 | 5,8 | 5,2 | 0,0 | 2 528 | 0,6 | 4,7 | -0,3 | 2 552 |
| **Вазъи мусоҳибаи модар** | | | | | | | | | | | | | |
| Мусоҳибашуда | 3,9 | 13,6 | -0,6 | 5 205 | 1,6 | 6,4 | 4,6 | 0,0 | 5 200 | 0,9 | 5,2 | -0,3 | 5 252 |
| Мусоҳибанашуда, аммо дар хонавода | (11,4) | (22,2) | (-0,9) | 43 | (3,1) | (7,1) | (3,2) | -0,1 | 43 | (1,3) | (8,6) | (-0,5) | 43 |
| Мусоҳибанашуда, ва дар хонавода нест[3] | 0,4 | 9,6 | -0,1 | 50 | 3,3 | 3,3 | 1,9 | 0,2 | 50 | 0,0 | 2,3 | 0,0 | 50 |
| **Ҷойи зист** | | | | | | | | | | | | | |
| Шаҳр | 2,6 | 10,9 | -0,4 | 1 318 | 0,6 | 3,7 | 4,7 | 0,1 | 1 319 | 0,3 | 4,1 | -0,2 | 1 325 |
| Деҳа | 4,4 | 14,6 | -0,7 | 3 980 | 1,9 | 7,3 | 4,5 | -0,0 | 3 974 | 1,0 | 5,5 | -0,4 | 4 020 |
| **Вилоят** | | | | | | | | | | | | | |
| Душанбе | 1,9 | 8,7 | -0,4 | 539 | 0,0 | 2,4 | 3,0 | 0,1 | 540 | 0,3 | 2,9 | -0,1 | 540 |
| ВМКБ | 4,0 | 14,8 | -0,9 | 76 | 0,6 | 2,3 | 2,9 | 0,1 | 77 | 1,6 | 4,6 | -0,4 | 77 |
| Суғд | 2,8 | 13,8 | -0,7 | 1 440 | 1,0 | 3,0 | 6,0 | 0,3 | 1 434 | 0,3 | 4,1 | -0,2 | 1 441 |
| НТҶ | 3,8 | 13,9 | -0,7 | 1 239 | 0,9 | 4,6 | 3,4 | -0,0 | 1 243 | 1,1 | 5,8 | -0,4 | 1 252 |
| Хатлон | 5,4 | 14,7 | -0,5 | 2 004 | 2,9 | 11,1 | 4,7 | -0,2 | 2 000 | 1,2 | 6,1 | -0,4 | 2 035 |
| **Ноҳияҳои ОХФ** | 6,1 | 14,4 | -0,5 | 1 244 | 4,1 | 13,8 | 4,7 | -0,2 | 1 241 | 1,4 | 6,7 | -0,4 | 1 270 |
| **Таҳсилоти модар**[4] | | | | | | | | | | | | | |
| Бе таҳсилот/ибтидоӣ | 3,9 | 17,5 | -0,8 | 281 | 0,4 | 8,1 | 3,7 | -0,0 | 285 | 0,9 | 9,1 | -0,5 | 287 |
| Асосии умумӣ | 3,7 | 15,3 | -0,7 | 1 566 | 1,0 | 4,4 | 4,9 | 0,0 | 1 560 | 1,0 | 5,4 | -0,4 | 1 577 |
| Миёнаи умумӣ | 4,3 | 12,9 | -0,6 | 2 377 | 1,9 | 7,7 | 4,3 | -0,0 | 2 374 | 1,0 | 4,7 | -0,3 | 2 400 |
| Касбии ибтидоӣ/миёна | 5,3 | 14,3 | -0,5 | 434 | 2,6 | 5,6 | 7,8 | 0,1 | 430 | 0,7 | 4,9 | -0,3 | 435 |
| Олӣ | 2,7 | 10,5 | -0,4 | 590 | 1,7 | 6,2 | 3,0 | -0,0 | 594 | 0,1 | 4,7 | -0,2 | 597 |
| **Квинтили некӯаҳволӣ** | | | | | | | | | | | | | |
| Пасттарин | 4,7 | 14,6 | -0,8 | 1 064 | 1,9 | 7,5 | 3,4 | -0,1 | 1 065 | 1,1 | 6,2 | -0,5 | 1 071 |
| Дуюм | 4,2 | 15,6 | -0,6 | 1 088 | 2,0 | 7,8 | 3,8 | -0,1 | 1 087 | 1,4 | 6,6 | -0,4 | 1 096 |
| Миёна | 4,4 | 13,5 | -0,6 | 1 058 | 1,0 | 6,1 | 4,5 | 0,0 | 1 059 | 0,6 | 4,4 | -0,3 | 1 073 |
| Чаҳорум | 3,7 | 14,1 | -0,6 | 1 074 | 2,5 | 7,3 | 6,1 | 0,1 | 1 067 | 0,8 | 5,2 | -0,3 | 1 087 |
| Олӣ | 2,8 | 10,3 | -0,4 | 1 013 | 0,5 | 3,0 | 5,1 | 0,2 | 1 015 | 0,4 | 3,4 | -0,1 | 1 018 |
| Ҳамагӣ | 4,0 | 13,7 | -0,6 | 5 298 | 1,6 | 6,4 | 4,6 | 0,0 | 5 293 | 0,9 | 5,2 | -0,3 | 5 345 |

Эзоҳ: ҳар як зернависи дар воҳидҳои инҳирофи стандартӣ (ИС) аз медианаи меъёрҳои қади кӯдакони СҶТ ифода карда мешавад. Маълумот дар қавс ба 25–49 ҳолати ченнашуда асос ёфтааст.

[1] Дарозии хобида барои кӯдакони то 2-сола чен карда мешавад; қад истода барои ҳамаи кӯдакони дигар чен карда мешавад

[2] Кӯдакони бо ИС аз -3 медианаи меъёрҳои қади кӯдакони СҶТ пастро дар бар мегирад

[3] Кӯдаконеро дарбар мегирад, ки модаронашон вафот кардаанд

[4] Барои заноне, ки бо онҳо мусоҳиба накардаанд, маълумот аз Пурсишномаи Хонавода гирифта мешавад. Кӯдаконе, ки модарашон дар Пурсишномаи Хонавода номбар нашудаанд, хориҷ карда мешаванд.

**Тамоюлҳо:** Ҳиссаи кӯдакони то 5-сола, ки аз таъхири қадкашӣ азият мекашанд, аз 26% дар соли 2012 то 14% дар соли 2023 коҳиш ёфтааст (**Расми 7**). Фоизи кӯдакони гирифтори лоғарӣ аз 10% дар соли 2012 то 6% дар соли 2017 коҳиш ёфта, дар соли 2023 ҳамонгуна боқӣ мемонад. Бо гузашти вақт, ҳиссаи кӯдакони бо вазни зиёдатӣ амалан тағйир наёфтааст (6% дар соли 2012 дар муқоиса бо 5% дар соли 2023).

***Расми 7*** **Тамоюлҳои вазъи ғизои кӯдакон**

*Фоизи кӯдакони синни то 5 сола бо ғизои нокифоя*




### 3.12 ҒИЗОДИҲИИ КӮДАКОНИ ШИРМАК ВА ХУРДСОЛ

Амалияи беҳтарини ғизодиҳии кӯдакони ширмак ва кӯдакони хурдсол барои саломатӣ ва зинда мондани кӯдакони хурдсол муҳим аст. Усулҳои тавсияшавандаи ҒКШХ иборатанд аз: оғози барвақти синамаконӣ (дар давоми соати аввали ҳаёт), танҳо синамаконӣ дар давоми 6 моҳи аввали ҳаёт ва ғизодиҳии кӯдакон бо ғизое, ки ба стандарти ҳадди ақали гуногунрангӣ мувофиқат мекунад (СҶТ ВА ЮНИСЕФ, 2021).

**Оғози барвақти синамаконӣ**

Фоизи кӯдаконе, ки дар 2 соли охир таваллуд шудаанд, дар давоми 1 соати таваллуд ба сина гузошта шудаанд.

***Намунаи интихобӣ:*** Кӯдаконе, ки дар давоми 2 соли охир таваллуд шудаанд

**Танҳо синамаконӣ то 6 моҳ**

Фоизи кӯдакони 0–5 моҳа, ки дар давоми рӯзи гузашта танҳо шири сина дода шуданд.

***Намунаи интихобӣ:*** Хурдтарин кӯдакони аз 0 то 5 моҳа, ки бо модар зиндагӣ мекунанд

**Ҳадди ақали гуногунии ғизо**

Фоизи кӯдакони аз 6 то 23 моҳа, ки ба онҳо дар давоми рӯзи гузашта ҳадди ақал панҷ аз ҳашт гурӯҳи муайяни хӯрокворӣ ғизо дода буданд. Ҳашт гурӯҳи хӯрокворӣ инҳоянд: шири модар; ғалладонагиҳо, сабзавоти решагӣ ва бехмева; лӯбиёгиҳо ва чормағзҳо; маҳсулоти ширӣ (шир, йогурт ва панир); хӯрокҳои гӯштӣ (гӯшт, моҳӣ, парранда, ва маҳсулоти иловагӣ); тухм; мева ва сабзавоти аз витамини А бой; ва дигар меваю сабзавот.

***Намунаи интихобӣ:*** Хурдтарин кӯдакони аз 6 то 23 моҳа, ки бо модар зиндагӣ мекунанд

Нишондиҳандаҳои асосии ҒКШХ дар **Ҷадвали 14** оварда шудаанд.

- 41% кӯдакони аз 0 то 23 моҳаро дар давоми 1 соат пас аз таваллуд шири сина доданд.
- 41% кӯдакони то 6-моҳа танҳо ширмак мебошанд.
- 28% кӯдакони аз 6 то 23 моҳа бо ҳадди ақали гуногунии ғизо, ғизо мегиранд.

Аз амалияи носолими ғизодиҳии кӯдакони ширмак ва кӯдакони хурдсол худдорӣ бояд кард, зеро он метавонад ба афзоиши носолими вазн мусоидат кунад ва хӯрокҳои серғизоро иваз кунад, ки ба кӯдакон ғизои муҳим медиҳанд. Барои кӯдакони ширмак ва кӯдакони хурдсол, хӯрдани хӯрок ва нӯшокиҳои ширин хавфи пайдоиши кариеси дандон ва фарбеҳии кӯдаконро зиёд мекунад. Таърифи зер оид ба истеъмоли ғизои носолим ба хӯрокҳои носолим ишора мекунад, яъне. хӯрокҳои дорои

шакари зиёд, намак ё чарбуҳои носолим, ки одатан аз ҷониби хурдсолон ва кӯдакони синни барвақт истеъмол карда мешаванд (СҶТ ва ЮНИСЕФ, 2021).

**Ҷадвали 14 Нишондиҳандаҳои ғизодиҳии кӯдакони ширмак ва хурдсол (ҒКШХ)**

Фоизи кӯдаконе, ки тибқи таҷрибаҳои гуногуни ҒКШХ ғизо мегиранд, ТТД Тоҷикистон-2023

| Нишондиҳанда | Шумора ва махраҷи нишондиҳанда | Баҳо |
|---|---|---|
| Оғози барвақти синамаконӣ[1] | Фоизи кӯдаконе, ки дар 2 соли охир таваллуд шудаанд ва дар давоми 1 соати пас аз таваллуд ба сина гузошта шудаанд | 40,8 |
| | Шумораи кӯдакон, ки дар 2 соли охир таваллуд шудаанд | 2 213 |
| Танҳо синамаконӣ то 6 моҳ | Фоизи кӯдакони 0–5 моҳа, ки дар давоми рӯзи гузашта танҳо шири сина дода шуданд | 40,8 |
| | Шумораи кӯдакони хурдсоли 0–5 моҳа, ки бо модар зиндагӣ мекунанд | 604 |
| Ҳадди ақали гуногунии ғизо 6–23 моҳ | Фоизи кӯдакони аз 6 то 23 моҳа, ки ба онҳо ҳадди аққал 5 аз 8 гурӯҳи муайяни ғизо дар рӯзи гузашта ғизо ва нӯшокиҳо дода шудаанд | 27,8 |
| | Шумораи кӯдакони хурдсоли аз 6 то 23 моҳа, ки бо модар зиндагӣ мекунанд | 1 440 |
| Истеъмоли нӯшокии ширин 6–23 моҳ | Фоизи кӯдакони аз 6 то 23 моҳа, ки ба онҳо дар давоми рӯзи гузашта нӯшокии ширин дода шудаанд | 64,9 |
| | Шумораи кӯдакони хурдсоли аз 6 то 23 моҳа, ки бо модар зиндагӣ мекунанд | 1 440 |
| Истеъмоли ғизои солим 6–23 моҳ | Фоизи кӯдакони аз 6 то 23 моҳа, ки дар давоми рӯзи гузашта ғизои носолим хӯрда буданд | 35,2 |
| | Шумораи кӯдакони хурдсоли аз 6 то 23 моҳа, ки бо модар зиндагӣ мекунанд | 1 440 |

[1] Кӯдаконеро дарбар мегирад, ки дар давоми 2 соли пеш аз таҳқиқот таваллуд шудаанд, новобаста аз он ки кӯдакон дар вақти мусоҳиба зинда буданд ё фавтидаанд.

**Истеъмоли нӯшокиҳои ширин**

Фоизи кӯдакони аз 6 то 23 моҳа, ки дар давоми рӯзи гузашта ба онҳо нӯшокии ширин дода шуда буд.

**Истеъмоли ғизои носолим**

Фоизи кӯдакони аз 6 то 23 моҳа, ки дар давоми рӯзи гузашта ғизои носолим хӯрда буданд.

***Намунаи интихобӣ:*** Хурдтарин кӯдакони аз 6 то 23 моҳа, ки бо модар зиндагӣ мекунанд

- 65% кӯдакони аз 6 то 23 моҳа нӯшокии ширин истеъмол карданд.
- 35% кӯдакони аз 6 то 23 моҳа ғизои носолим истеъмол карданд.

**Тамоюлҳо:** Ҳиссаи кӯдакони то 6-моҳа, ки ба онҳо танҳо шири модар медиҳанд, мунтазам меафзояд: аз 34% дар соли 2012 то 41% дар соли 2023 (**Расми 8**).

***Расми 8*** **Тамоюлҳои истиснoии синамаконӣ**

*Фоизи кӯдакони 0–5 моҳҳа*



## 3.13 ЗЎРОВАРИИ ХОНАВОДАГӢ НИСБАТИ ЗАНОН

Зўроварии гендерӣ нисбати занон дар саросари ҷаҳон ҳамчун нақзи ҳуқуқҳои асосии инсон эътироф шудааст. Шумораи афзояндаи таҳқиқотҳо паёмади чунин зўроварӣ ба саломатӣ, оқибатҳои байнинаслӣ ва демографиро ошкор карданд (UN 2006). Ин бахш ба зўроварии хонаводагӣ, яке аз шаклҳои маъмултарини зўроварии гендерӣ нисбати занон ва духтарон бахшида шудааст.

Бо мақсади мушоҳидаи пешрафт дар рафъи зўроварии хонаводагӣ дар Тоҷикистон, дар ТТДТ-2023 модули зўроварии хонаводагӣ, ки барои пурсиш дар ҳамаи хонаводаҳои намунаи интихобӣ пешбинӣ шудааст, дохил карда шуд. Тибқи дастурҳои Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ оид ба ҷамъоварии ахлоқии маълумот дар бораи зўроварии хонаводагӣ, танҳо як зан дар як хонавода бо усули интихоби тасодуфӣ барои мусоҳиба дар ин модул интихоб карда шуд ва саволҳои модул дода нашуданд, агар махфияти комил ба даст оварда намешуд. Дар натиҷаи ин маҳдудиятҳо, 68% аз 9 930 зане, ки ба таҳқиқот ҳуқуқ доранд, барои иштирок дар модули зўроварии хонаводагӣ интихоб карда шуданд. Дар байни онҳое, ки барои иштирок дар модул интихоб шудаанд, 3% бо сабабҳои махфият ё бо сабабҳои дигар мусоҳиба карда натавонистанд. Коэффитсиентҳои махсус ҳисобшуда барои кафолат додани он, ки зернамунаи интихобии зўроварии хонаводагӣ дар сатҳи миллӣ намоишӣ бошад, истифода шуданд. Таҳқиқоти ТДТ дар солҳои 2012 ва 2017 модули шабеҳ ва методологияи интихобро дар бар мегирифт. Аммо қолиби диққат аст, ки дар соли 2023 маълумоти ТТДТ дар бораи зўроварӣ аз ҷониби шарики маҳрамона на танҳо дар байни занони ягон вақте шавҳардор ва заноне, ки ягон вақт бо мард зиндагӣ кардаанд, балки аз заноне, ки издивоҷ накардаанд, вале ягон вақт шарики маҳрамона доштанд, ҷамъоварӣ карда мешавад.

**Истилоҳот барои маълумот дар бораи зўроварии хонаводагӣ**

**Шавҳар:** марде, ки зан бо ў издивоҷ кардааст ё бо ў зиндагӣ мекунад, тавре, ки гўё вай оиладор аст.

**Шарики маҳрамона:** марде, ки бо ў зане, ки ҳеҷ гоҳ издивоҷ накардааст, дар муносибатҳое қарор дорад, ки наздикии ҷисмонӣ ва/е эмотсионалӣ доранд ва барои онҳо ин муносибат тўлонӣ аст ё интизор меравад, ки тўлонӣ хоҳад буд. Тибқи таърифи дар ҳисоботи мазкур овардашуда, шарики маҳрамона шавҳар ё марде нест, ки зан бо ў зиндагӣ мекунад, балки инчунин дўстписаре нест, ки муносибаташ тасодуфӣ аст ё марде нест, ки ў як бор мулоқот кардааст.

**Шавҳар / шарики маҳрамона:** шавҳари ҳозира барои занони оиладор; шавҳари охирин барои занони ҷудошуда, ҷудо зиндагикунанда ё бевазан; шарики ҳозираи маҳрамона барои заноне, ки ҳеҷ гоҳ издивоҷ накардаанд, ки дар айни замон шарики маҳрамона доранд; ва шарики охирини маҳрамона барои заноне, ки ҳеҷ гоҳ издивоҷ накардаанд, ки дар айни замон шарики маҳрамона надоранд, аммо онҳо дар гузашта доштанд.

**Дўстдухтар:** марде, ки зан бо ў муносибати тасодуфӣ дорад ва ўро ҳамчун шарики маҳрамона зикр накардааст.

Дар соли 2023 аз занони 15–49 сола маълумот дар бораи таҷрибаи зўроварии онҳо аз ҷониби ҳар як таҷовузкор, аз ҷумла шавҳарони ҳозира ва собиқ ё дигар шариконӣ маҳрамона гирифта шуд. Барои сабти зўроварӣ аз ҷониби шарики маҳрамона, занони оиладор дар бораи таҷрибаи зўроварии шавҳарон/ҳамманзили ҳозира ва собиқи худ пурсида шуданд ва агар лозим бошад, заноне, ки ҳеҷ гоҳ издивоҷ накардаанд, дар бораи таҷрибаи зўроварии шариконӣ ҳозира ва собиқи маҳрамонаи худ пурсида шуданд. Аз ҷумла, зўроварӣ аз ҷониби шарики маҳрамона тавассути пурсиши занон дар бораи он, ки шавҳари ҳозира ё собиқ/шарики маҳрамонаи онҳо ягон вақт бо онҳо чунин кор кардааст, чен карда шуд:

- ***Зўроварии ҷисмонӣ:*** шуморо тела додан, ларзондан ё ба шумо партофтани чизе; торсакӣ задан; дастатонро печондан ё мўи саратонро кашидан; мушт задан ё чизе, ки метавонад ба шумо осеб расонад; лагадкўб кардан, кашидан ё занукўб кардан; қасдан шуморо буғӣ кардан ё сўзондан; ё ҳуҷум кардан ба шумо бо корд, таппонча ё силоҳи дигар

- ***Зӯроварии ҷинсӣ:*** ҷисмонӣ маҷбур кардани шумо ба алоқаи ҷинсӣ бо ӯ, вақте ки шумо инро намехостед, ҷисмонӣ маҷбур кардани шумо ба ягон амали ҷинсии дигаре, ки шумо намехостед ё маҷбур кардани шумо бо таҳдидҳо ё ягон роҳи дигар ба амалҳои ҷинсие, ки шумо намехостед

- ***Зӯроварии эмотсионалӣ:*** гуфтан ё коре кардан, ки шуморо дар назди дигарон паст занад, таҳдид кунад, ки ба шумо ё касе, ки ба шумо азиз аст, дард расонад ё зарар расонад, шуморо таҳқир кунад ё шуморо маҷбур кунад, ки дар бораи худ фикри бад кунед.

Илова ба саволҳо дар бораи шаклҳои гуногуни зӯроварӣ аз ҷониби шарики маҳрамона, аз ҳамаи занон инчунин маълумот дар бораи зӯроварии ҷисмонии содиршуда аз ҷониби касе, ғайр аз шавҳар/шарики маҳрамона аз синни 15-солагӣ тавассути пурсиш дар бораи он, ки оё касе латукӯб кардааст, торсакӣ задааст, лагадкӯб кардааст ё ягон кори дигаре кардааст, то ба онҳо дарди ҷисмонӣ расонад, ҷамъоварӣ карда шуд. Ба ҳамин монанд, аз занон пурсида шуд, ки оё онҳо ба зӯроварии ҷинсие дучор шудаанд, каси дигаре содир кардааст, ба ғайр аз шавҳар/шарики маҳрамона. Аз ҷумла, аз онҳо пурсида шуд, ки оё онҳо дар ҳаёти худ, дар вақти кӯдакӣ ё калонсолӣ, маҷбур карда шудаанд, ки ба ягон роҳ алоқаи ҷинсӣ кунанд ё ягон амали дигари ҷинсӣ кунанд, вақте ки онҳо намехостанд. Ғайр аз он, заноне, ки ягон бор ҳомиладор буданд, дар бораи таҷрибаи зӯроварии ҷисмонии онҳо ҳангоми ҳомиладорӣ пурсида шуданд (маълумот нишон дода нашудааст).

### *3.13.1 Таҷрибаи Шаклҳои Сершумори Зӯроварӣ*

Зӯроварии ҷисмонӣ ва зӯроварии ҷинсӣ дар алоҳидагӣ рух намедиҳад; баръакс, занон метавонанд ба омезиши шаклҳои гуногуни зӯроварӣ дучор шаванд.

Дар **Ҷадвали 15** маълумот дар бораи зӯроварии ҷисмонӣ ва ҷинсӣ, ки ягон вақт занони 15–49 сола дучор шудаанд, оварда шудааст.

**Ҷадвали 15 Таҷрибаи шаклҳои сершумори зӯроварӣ**

Фоизи занони аз 15 то 49-сола, ки ба шаклҳои гуногуни зӯроварӣ гирифтор шудаанд, тибқи синну соли кунунӣ, ТТД Тоҷикистон-2023

| Синну сол | Танҳо зӯроварии ҷисмонӣ | Танҳо зӯроварии ҷинсӣ | Зӯроварии ҷисмонӣ ва ҷинсӣ | Зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ | Шумораи занҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 15–19 | 3,6 | 0,0 | 0,0 | 3,6 | 1 091 |
| 15–17 | 2,1 | 0,0 | 0,0 | 2,1 | 676 |
| 18–19 | 6,1 | 0,0 | 0,0 | 6,1 | 415 |
| 20–24 | 8,5 | 0,4 | 0,8 | 9,7 | 1 039 |
| 25–29 | 10,5 | 0,7 | 1,2 | 12,4 | 1 031 |
| 30–39 | 15,0 | 0,5 | 2,3 | 17,7 | 1 963 |
| 40–49 | 10,8 | 0,2 | 2,3 | 13,3 | 1 324 |
| Ҳамагӣ | 10,4 | 0,4 | 1,5 | 12,3 | 6 448 |

- Тақрибан аз ҳар ҳашт зан як зани аз 15 то 49-сола (12%) ягон бор мавриди зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ қарор гирифтааст: 10% танҳо ба зӯроварии ҷисмонӣ дучор шудаанд, камтар аз 1% танҳо ба зӯроварии ҷинсӣ дучор шудаанд ва 2% ҳам ба зӯроварии ҷисмонӣ ва ҳам ҷинсӣ дучор шудаанд.

- Ҷолиби диққат аст, ки таҷрибаи зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ бо синну сол меафзояд: аз 2% дар байни занони 15–17 сола то 18% дар байни занони 30–39 сола ва сипас дар байни занони калонсол коҳиш меёбад.

**Тамоюлҳо:** Ҳиссаи занони аз 15 то 49-сола, ки ягон бор мавриди зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ қарор гирифтаанд, аз 24% дар соли 2017 то 12% дар соли 2023 коҳиш ёфтааст.

### *3.13.2 Зӯроварии Шарики Маҳрамона, ки аз Ҷониби Шавҳари Ҳозира ё Охирин/Шарики Маҳрамона Содир Шудааст*

**Зӯроварӣ аз ҷониби шарики маҳрамона**

Фоизи заноне, ки ба яке аз амалҳои зикршудаи зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё эмотсионалӣ дучор шудаанд, ки аз ҷониби шавҳари ҳозира ё охирини онҳо/шарики маҳрамонаи онҳо ягон вақт ва дар тӯли 12 моҳи пеш аз таҳқиқот содир шудаанд.

***Намунаи интихобӣ:*** Занони синни 15–49 сола, ки ягон бор шавҳар ё шарики маҳрамона доштанд

Дар **Ҷадвали 16** маълумот дар бораи зӯроварӣ аз ҷониби шарики маҳрамона дар байни занони аз 15 то 49 сола оварда шудааст.

**<u>Ҷадвали 16 Зӯроварӣ аз ҷониби шарики маҳрамона аз рӯи хусусиятҳои асосӣ</u>**

Фоизи занони синнашон аз 15 то 49 сола, ки ягон вақт шавҳар ё шарики маҳрамона доштанд, ки ягон бор аз ҷониби шавҳари ҳозира ё охирини худ/шарики маҳрамонаи худ таҷовузи эмотсионалӣ, ҷисмонӣ ё ҷинсӣ шудаанд, тибқи тавсифоти асосӣ, ТТД Тоҷикистон-2023

| Тавсифи асосӣ | Зӯроварии эмотсионалӣ | Зӯроварии ҷисмонӣ | Зӯроварии ҷинсӣ | Ҷисмонӣ ва ҷинсӣ | Ҷисмонӣ, ҷинсӣ ва эмотсионалӣ | Ҷисмонӣ ё ҷинсӣ | Ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё эмотсионалӣ | Шумори занхо, ки ягон вақт шавҳар/ шарики маҳрамона доштанд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Синну сол** | | | | | | | | |
| 15–19 | 3,2 | 11,7 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 11,7 | 12,5 | 170 |
| 20–24 | 3,6 | 10,7 | 1,5 | 1,0 | 0,9 | 11,2 | 11,9 | 862 |
| 25–29 | 6,8 | 11,5 | 1,7 | 0,9 | 0,5 | 12,3 | 15,9 | 994 |
| 30–39 | 9,1 | 16,7 | 2,3 | 2,0 | 1,6 | 17,0 | 19,5 | 1 921 |
| 40–49 | 6,8 | 12,4 | 2,0 | 1,8 | 1,1 | 12,6 | 15,6 | 1 294 |
| **Ҷойи зист** | | | | | | | | |
| Шаҳр | 8,3 | 13,1 | 2,1 | 1,8 | 1,4 | 13,4 | 16,4 | 1 354 |
| Деҳа | 6,6 | 13,6 | 1,8 | 1,4 | 1,0 | 14,0 | 16,4 | 3 887 |
| **Вилоят** | | | | | | | | |
| Душанбе | 7,8 | 8,2 | 1,6 | 1,0 | 1,0 | 8,8 | 12,2 | 529 |
| ВМКБ | 8,2 | 17,6 | 1,5 | 1,0 | 0,7 | 18,1 | 19,2 | 78 |
| Суғд | 7,2 | 9,9 | 2,2 | 1,8 | 1,5 | 10,2 | 13,4 | 1 492 |
| НТҶ | 5,0 | 8,1 | 1,2 | 0,9 | 0,8 | 8,3 | 10,0 | 1 259 |
| Хатлон | 7,9 | 21,3 | 2,3 | 1,8 | 1,0 | 21,7 | 24,1 | 1 884 |
| **Вазъи оилавӣ** | | | | | | | | |
| Ҳеҷ гоҳ оиладор нашудааст | * | * | * | * | * | * | * | 8 |
| Дар айни замон шарики маҳрамона дорад | * | * | * | * | * | * | * | 7 |
| Шарики маҳрамона буд | * | * | * | * | * | * | * | 2 |
| Ягон вақт оиладор буд | 7,0 | 13,5 | 1,9 | 1,5 | 1,1 | 13,9 | 16,4 | 5 233 |
| Оиладор аст ё якҷоя зиндагӣ мекунад | 6,0 | 12,6 | 1,4 | 1,1 | 0,6 | 12,9 | 15,4 | 4 890 |
| Ҷудошуда/алоҳида зиндагӣ мекунад/ пбевазан | 20,8 | 26,5 | 9,5 | 8,0 | 8,0 | 28,0 | 31,1 | 342 |
| **Шуғл** | | | | | | | | |
| Барои пул кор мекунад | 14,3 | 19,9 | 4,7 | 4,1 | 3,4 | 20,5 | 24,3 | 1 131 |
| Барои пул кор намекунад | 6,4 | 16,2 | 3,3 | 2,7 | 0,5 | 16,8 | 21,4 | 174 |
| Кор намекунад | 5,0 | 11,5 | 1,1 | 0,7 | 0,5 | 11,9 | 13,9 | 3 936 |
| **Ноҳияҳои ОХФ** | 2,5 | 14,7 | 0,3 | 0,1 | 0,1 | 14,9 | 16,0 | 1 072 |
| **Таҳсилот** | | | | | | | | |
| Бе таҳсилот/ибтидоӣ | 8,3 | 14,6 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 14,6 | 17,3 | 243 |
| Асосии умумӣ | 8,1 | 15,3 | 2,1 | 1,9 | 1,6 | 15,5 | 18,4 | 1 597 |
| Миёнаи умумӣ | 5,1 | 11,9 | 1,9 | 1,3 | 0,7 | 12,5 | 14,5 | 2 416 |
| Касбии ибтидоӣ/миёна | 9,8 | 14,9 | 2,1 | 1,6 | 1,5 | 15,3 | 17,6 | 396 |
| Олӣ | 9,5 | 13,7 | 1,6 | 1,4 | 1,0 | 13,8 | 17,6 | 588 |
| **Квинтили некӯаҳволӣ** | | | | | | | | |
| Пасттарин | 7,1 | 13,1 | 1,9 | 1,4 | 1,1 | 13,5 | 16,5 | 1 007 |
| Дуюм | 7,7 | 15,3 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 15,7 | 18,4 | 1 041 |
| Миёна | 6,5 | 15,2 | 2,3 | 1,9 | 1,1 | 15,7 | 18,1 | 1 020 |
| Чаҳорум | 6,0 | 12,1 | 1,8 | 1,5 | 0,6 | 12,5 | 14,3 | 1 110 |
| Олӣ | 7,8 | 11,9 | 1,8 | 1,5 | 1,3 | 12,2 | 14,8 | 1 062 |
| Ҳамагӣ | 7,0 | 13,5 | 1,9 | 1,5 | 1,1 | 13,9 | 16,4 | 5 241 |

Эзоҳ: Истилоҳи “шавҳар” шарикеро дар бар мегирад, ки зан бо он тавре зиндагӣ мекунад, ки гӯё оиладор аст. Шавҳар / шарики маҳрамона шавҳари ҳозира барои занони шавҳардор, шавҳари охирин барои занони ҷудошуда ё бевазан аст, шарики ҳозираи маҳрамона барои занони ҳеҷ гоҳ оиладор набуда, ки айни замон шарики маҳрамона доранд, ва шарики охирини маҳрамона барои занони ҳеҷ гоҳ оиладор набуда, ки дар айни замон шарики маҳрамона надоранд, аммо онҳо дар гузашта доштанд. Ситорача маънои онро дорад, ки маълумот ба камтар аз 25 ҳолати ченнашуда асос ёфтааст ва хориҷ карда шудааст.

Дар байни занони аз 15 то 49 сола, ки ягон вақт шавҳар ё шарики маҳрамона доштанд:

- 14% аз ҷониби шавҳари ҳозира ё охирини худ/шарики маҳрамонаи худ ба зӯроварии ҷисмонӣ дучор шуданд.
- 2% аз ҷониби шавҳари ҳозира ё охирини худ/маҳрамонаи худ таҷовузи ҷинсӣ шудаанд
- 7% аз ҷониби шавҳари ҳозира ё охирини худ / шарики маҳрамонаи худ ба зӯроварии эмотсионалӣ дучор шуданд.
- 16% аз ҷониби шавҳари ҳозира ё охирини худ/шарики маҳрамонаи худ ба зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё эмотсионалӣ дучор шудаанд.

**Тамоюлҳо:** дар байни заноне, ки то ҳол издивоҷ кардаанд, паҳншавии ҳама шаклҳои зӯроварӣ аз ҷониби шавҳар/шарики ҳозира ё охирини онҳо дар соли 2023 нисбат ба солҳои 2017 ва 2012 камтар аст. Дар маҷмӯъ, паҳншавии зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё эмотсионалии оилавӣ, ки аз ҷониби шавҳар/шарики ҳозира ё охирини занон содир шудааст, аз 24% дар соли 2012 то 31% дар соли 2017 афзоиш ёфт ва сипас дар соли 2023 ба 16% коҳиш ёфт.

## 3.14 ВНМО

### *3.14.1 Дониши Ҷавонон дар Бораи Пешгирӣ*

**Дониш дар бораи пешгирии ВНМО**

Донистани он, ки истифодаи доимии рифола ҳангоми алоқаи ҷинсӣ ва доштани танҳо як шарики содиқи сироятнашуда метавонад имконияти гирифторӣ ба ВНМО-ро коҳиш диҳад, донистани он, ки шахси солим метавонад ВНМО дошта бошад ва даст кашидан аз ду тасаввуроти нодуруст дар бораи сирояти ВНМО: ВНМО метавонад тавассути газидани магас гузарад ва шахс метавонад тавассути мубодилаи ғизо бо шахсе, ки ВНМО дорад, сироят ёбад.

***Намунаи интихобӣ:*** Занони аз 15 то 24 сола

Донистани он, ки ВНМО чӣ гуна мегузарад, барои одамон дар пешгирӣ кардан аз сирояти ВНМО муҳим аст ва ин алалхусус барои ҷавононе, ки аксар вақт хавфи бештар доранд, дуруст аст, зеро онҳо метавонанд бо шумораи зиёди шарикон муносибатҳои кӯтоҳтар дошта бошанд ё онҳо метавонанд дар дигар рафтори хатарнок иштирок кунанд. Тавре ки аз **Ҷадвали 17** мебинед, танҳо 10% занони 15–24 сола дар бораи пешгирии ВНМО дониши амиқ доранд.

### *3.14.2 Рафтори Ҷинсӣ*

Маълумот дар бораи рафтори ҷинсӣ ҳангоми таҳия ва мониторинги барномаҳои дахолати назорати паҳншавии ВНМО муҳим аст.

- Камтар аз 1% занони аз 15 то 49 сола дар давоми 12 моҳи охир бо ду ё зиёда шарикон алоқаи ҷинсӣ кардаанд.
- Дар байни занони аз 15 то 49 сола, ки бо шахсе, ки ҳамсарашон набуд ва 12 моҳ пеш аз таҳқиқот бо онҳо зиндагӣ намекард, алоқаи ҷинсӣ карданд, 26% аз рифола бори охир истифода карданд, вақте, ки он бо чунин шарик алоқаи ҷинсӣ карданд; аммо ин арзёбӣ бояд бо эҳтиет тафсир карда шавад, зеро шумораи ҳолатҳо каманд.
- Дар байни занони синни 15–49 сола, ки ягон бор алоқаи ҷинсӣ кардаанд, шумораи миёнаи шарикони ҷинсӣ дар давоми ҳаёт 1,1 (**Ҷадвали 18**)-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 17 Дониши занони ҷавон дар бораи усулҳои пешгирии ВНМО**

Фоизи занони ҷавони синни 15–24 сола, ки дар бораи пешгирии ВНМО дониш доранд, мувофиқи тавсифоти асосӣ, ТТД Тоҷикистон-2023

| Тавсифи асосӣ | Фоизи онҳое, ки дар бораи пешгирии ВНМО дониш доранд [1] | Шумораи занҳо |
|---|---|---|
| **Синну сол** | | |
| 15–19 | 7,5 | 1 710 |
| 15–17 | 5,9 | 1 071 |
| 18–19 | 10,3 | 639 |
| 20–24 | 12,4 | 1 616 |
| 20–22 | 12,5 | 939 |
| 23–24 | 12,2 | 677 |
| **Вазъи оилавӣ** | | |
| Ҳеҷ гоҳ оиладор нашудааст | 7,7 | 1 780 |
| Ягон вақт алоқаи ҷинсӣ кардааст | * | 6 |
| Ҳеҷ гоҳ алоқаи ҷинсӣ накардааст | 7,8 | 1 774 |
| Ягон вақт оиладор буд | 12,4 | 1 546 |
| **Ҷойи зист** | | |
| Шаҳр | 10,7 | 908 |
| Деҳа | 9,6 | 2 419 |
| **Вилоят** | | |
| Душанбе | 13,4 | 383 |
| ВМКБ | 16,8 | 42 |
| Суғд | 14,4 | 900 |
| НТҶ | 5,4 | 794 |
| Хатлон | 8,1 | 1 209 |
| **Ноҳияҳои ОХФ** | 4,6 | 687 |
| **Таҳсилот** | | |
| Бе таҳсилот/ибтидоӣ | 9,7 | 87 |
| Асосии умумӣ | 6,8 | 1 118 |
| Миёнаи умумӣ | 9,4 | 1 400 |
| Касбии ибтидоӣ/миёна | 17,2 | 330 |
| Олӣ | 14,3 | 392 |
| **Квинтили некӯаҳволӣ** | | |
| Пасттарин | 6,6 | 557 |
| Дуюм | 7,2 | 679 |
| Миёна | 10,8 | 682 |
| Чаҳорум | 11,5 | 662 |
| Олӣ | 12,5 | 746 |
| Ҳамагӣ 15–24 | 9,9 | 3 327 |

Эзоҳ: Ситорача маънои онро дорад, ки маълумот ба камтар аз 25 ҳолати ченнашуда асос ёфтааст ва хориҷ карда шудааст.

[1] Дониш дар бораи пешгирии ВНМО маънои онро дорад, ки истифодаи доимии рифола ҳангоми амали ҷинсӣ ва доштани танҳо як шарики содиқи сироятнашуда метавонад эҳтимолияти сирояти ВНМО-ро коҳиш диҳад, донистани он, ки шахси солим метавонад ВНМО дошта бошад ва даст кашидан аз ду тасаввуроти нодурусти маъмул дар бораи сироят ё пешгирии ВНМО: ВНМО метавонад тавассути газидани магас сироят кунад ва шахс метавонад тавассути мубодилаи ғизо бо шахси гирифтори ВНМО сироят ёбад.

**Ҷадвали 18 Шарикони сершумори ҷинсӣ ва алоқаи ҷинсии хавфнок дар 12 моҳи охир**

Дар байни ҳамаи занони 15–49 сола, фоизи заноне, ки дар тӯли 12 моҳи охир бо зиёда аз як шарики ҷинсӣ алоқаи ҷинсӣ кардаанд ва фоизе, ки дар 12 моҳи охир бо шахсе, ки шавҳари онҳо набуд ва бо онҳо зиндагӣ намекард, алоқаи ҷинсӣ кардаанд; дар байни онҳое, ки дар тӯли 12 моҳи охир зиёда аз як шарик доштанд, фоизе, ки гузориш доданд, ки ҳангоми алоқаи ҷинсии охирин аз рифола истифода карданд; дар байни занони аз 15 то 49-сола, ки дар тӯли 12 моҳи охир бо шахсе, ки шавҳари онҳо набуд ва бо онҳо зиндагӣ намекард, алоқаи ҷинсӣ доштанд, фоизи онҳое, ки ҳангоми алоқаи ҷинсии охирин бо чунин шарик аз рифола истифода карданд; ва дар байни заноне, ки ягон вақт алоқаи ҷинсӣ доштанд, шумораи миёнаи шарикони ҷинсӣ дар тӯли ҳаети онҳо, тибқи тавсифоти асосӣ, ТТД Тоҷикистон-2023

| | Ҳама занҳо | | | Заноне, ки дар 12 моҳи охир 2 + шарик доштанд | | Заноне, ки дар тӯли 12 моҳи охир бо шахсе, ки шавҳари онҳо набуд ва бо онҳо зиндагӣ намекард, алоқаи ҷинсӣ карданд | | Заноне, ки ягон вақт алоқаи ҷинсӣ кардаанд [1] | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тавсифи асосӣ | Фоизи онҳое, ки дар 12 моҳи охир 2+ шарик доштанд | Фоизи онҳое, ки дар тӯли 12 моҳи охир бо шахсе алоқаи ҷинсӣ кардаанд, ки шавҳари онҳо набуд ва бо онҳо зиндагӣ намекард | Шумораи занҳо | Фоизи онҳое, ки дар бораи истифодаи рифола ҳангоми алоқаи ҷинсии охирин гузориш додаанд | Шумораи занҳо | Фоизи онҳое, ки дар бораи истифодаи рифола ҳангоми алоқаи ҷинсии охирин бо чунин шарик гузориш додаанд | Шумораи занҳо | Шумораи миёнаи шарикони ҷинсӣ дар давоми ҳаёт | Шумораи занҳо |
| Синну сол | | | | | | | | | |
| 15–24 | 0,2 | 0,1 | 3 327 | * | 6 | * | 3 | 1,0 | 1 551 |
| 15–19 | 0,0 | 0,0 | 1 710 | * | 0 | * | 1 | 1,0 | 223 |
| 20–24 | 0,4 | 0,1 | 1 616 | * | 6 | * | 2 | 1,1 | 1 328 |
| 25–29 | 0,4 | 0,1 | 1 559 | * | 6 | * | 2 | 1,0 | 1 504 |
| 30–39 | 0,3 | 0,1 | 2 980 | * | 9 | * | 3 | 1,1 | 2 923 |
| 40–49 | 0,4 | 0,3 | 2 014 | * | 9 | * | 7 | 1,1 | 1 980 |
| **Вазъи оилавӣ** | | | | | | | | | |
| Ҳеҷ гоҳ оиладор нашудааст | 0,0 | 0,1 | 1 964 | * | 0 | * | 2 | 1,2 | 49 |
| Оиладор аст ё якҷоя зиндагӣ мекунад | 0,4 | 0,1 | 7 392 | (9,9) | 29 | * | 5 | 1,1 | 7 390 |
| Ҷудошуда/алоҳида зиндагӣ мекунад/ бевазан | 0,1 | 1,3 | 522 | * | 1 | * | 7 | 1,1 | 520 |
| **Ҷойи зист** | | | | | | | | | |
| Шаҳр | 0,5 | 0,4 | 2 705 | * | 13 | * | 11 | 1,1 | 2 088 |
| Деҳа | 0,2 | 0,1 | 7 174 | * | 17 | * | 4 | 1,1 | 5 871 |
| **Вилоят** | | | | | | | | | |
| Душанбе | 0,5 | 0,4 | 1 077 | * | 5 | * | 5 | 1,1 | 795 |
| ВМКБ | 0,4 | 1,2 | 157 | * | 1 | * | 2 | 1,1 | 117 |
| Суғд | 0,2 | 0,1 | 2 780 | * | 6 | * | 2 | 1,1 | 2 284 |
| НТҶ | 0,3 | 0,1 | 2 356 | * | 7 | * | 2 | 1,1 | 1 918 |
| Хатлон | 0,3 | 0,1 | 3 509 | * | 11 | * | 4 | 1,0 | 2 846 |
| **Ноҳияҳои ОХФ** | 0,2 | 0,0 | 1 937 | * | 4 | * | 1 | 1,0 | 1 580 |
| **Таҳсилот** | | | | | | | | | |
| Бе таҳсилот/ибтидоӣ | 0,4 | 0,0 | 443 | * | 2 | * | 0 | 1,1 | 391 |
| Асосии умумӣ | 0,4 | 0,0 | 3 271 | * | 12 | * | 1 | 1,1 | 2 455 |
| Миёнаи умумӣ | 0,2 | 0,1 | 4 230 | * | 9 | * | 6 | 1,0 | 3 596 |
| Касбии ибтидоӣ/миёна | 0,2 | 0,3 | 778 | * | 2 | * | 2 | 1,0 | 602 |
| Олӣ | 0,4 | 0,4 | 1 157 | * | 5 | * | 5 | 1,1 | 915 |
| **Квинтили некӯаҳволӣ** | | | | | | | | | |
| Пасттарин | 0,2 | 0,1 | 1 842 | * | 3 | * | 2 | 1,1 | 1 516 |
| Дуюм | 0,3 | 0,0 | 1 967 | * | 6 | * | 0 | 1,1 | 1 553 |
| Миёна | 0,2 | 0,1 | 1 966 | * | 5 | * | 2 | 1,1 | 1 605 |
| Чаҳорум | 0,2 | 0,0 | 1 964 | * | 4 | * | 0 | 1,0 | 1 647 |
| Олӣ | 0,5 | 0,5 | 2 140 | * | 12 | * | 10 | 1,1 | 1 638 |
| Ҳамагӣ | 0,3 | 0,1 | 9 879 | (10,1) | 29 | (25,7) | 15 | 1,1 | 7 959 |

Примечание: Маълумот дар қавс ба 25–49 ҳолати ченнашуда асос ёфтааст. Ситорача маънои онро дорад, ки маълумот ба камтар аз 25 ҳолати ченнашуда асос ёфтааст ва хориҷ карда шудааст

[1] Арзишҳои миёна бе назардошти пурсидашудагон ҳисоб карда мешаванд, ки ҷавобҳои ғайрирақамӣ додаанд.

### *3.14.3 Санҷиши Қаблии ВНМО*

Барномаҳои санҷиши ВНМО одамони гирифтори ВНМО-ро ташхис мекунанд, то онҳо ба ёрии тиббӣ фаро гирифта шаванд ва ба дармони антиретровирусӣ (ДАР) дастрасӣ пайдо кунанд. Донистани вазъи ВНМО ба одамони гирифтори ВНМО кӯмак мекунад, ки хавфро кам кунанд ва манфӣ боқӣ монанд (**Ҷадвали 19**).

- Қариб нисфи занони аз 15 то 49 сола (48%) барои ВНМО санҷида шуданд ва натиҷаҳои санҷишро гирифтанд.

- Фоизи заноне, ки ягон бор барои ВНМО санҷида шудаанд ва натиҷаро гирифтаанд, бо синну сол меафзояд, аз 16% дар байни 15–19 сола меафзояд ва дар синни 25–29 солагӣ ба 63% мерасад ва баъд коҳиш мeёбад.

- 19% занон дар давоми 12 моҳи охир барои ВНМО санҷида шуданд ва натиҷаҳои санҷиши охирини худро гирифтанд.

**Ҷадвали 19 Фарогирӣ ба санҷиши қаблии ВНМО**

Тақсимоти фоизии занони аз 15 то 49 сола аз рӯи вазъи санҷиши ВНМО ва аз рӯи он, ки оё онҳо натиҷаҳои санҷиши ОХИРИНРО ба даст овардаанд, фоизи заноне, ки ягон вақт санҷида шудаанд ва фоизи заноне, ки дар давоми 12 моҳи охир санҷида шудаанд ва натиҷаҳои санҷиши охиринро ба даст овардаанд, мувофиқи тавсифоти асосӣ, ТТД Тоҷикистон-2023

| | Тақсимоти фоизии занон аз рӯи вазъи санҷиш ва аз рӯи он, ки оё онҳо натиҷаҳои санҷиши охиринро ба даст овардаанд | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тавсифи асосӣ | Ягон вақт санҷида шудаанд ва натиҷаҳоро ба даст овbooked | Ягон вақт санҷида шуданд, натиҷаро нагирифтанд | Ҳеҷ гоҳ санҷида нашуданд [1] | Ҳамагӣ | Фоизи ягон вақт санҷидашудагон | Фоизе, ки дар давоми 12 моҳи охир барои ВНМО санҷида шудаанд ва натиҷаҳои санҷиши охиринро ба даст овардаанд | Шумораи занҳо |
| **Синну сол** | | | | | | | |
| 15–24 | 35,9 | 0,6 | 63,5 | 100,0 | 36,5 | 21,0 | 3 327 |
| 15–19 | 16,3 | 0,1 | 83,7 | 100,0 | 16,3 | 11,8 | 1 710 |
| 20–24 | 56,6 | 1,1 | 42,2 | 100,0 | 57,8 | 30,8 | 1 616 |
| 25–29 | 63,4 | 1,3 | 35,4 | 100,0 | 64,6 | 24,2 | 1 559 |
| 30–39 | 56,9 | 0,8 | 42,4 | 100,0 | 57,6 | 16,9 | 2 980 |
| 40–49 | 44,9 | 0,5 | 54,6 | 100,0 | 45,4 | 13,4 | 2 014 |
| **Вазъи оилавӣ** | | | | | | | |
| Ҳеҷ гоҳ оиладор нашудааст | 13,9 | 0,1 | 86,0 | 100,0 | 14,0 | 7,7 | 1 964 |
| Ягон вақт алоқаи ҷинсӣ кардааст | 27,9 | 0,0 | 72,1 | 100,0 | 27,9 | 4,0 | 50 |
| Ҳеҷ гоҳ алоқаи ҷинсӣ накардааст | 13,6 | 0,1 | 86,3 | 100,0 | 13,7 | 7,8 | 1 914 |
| Шавҳардор/якҷоя зиндагӣ мекунад | 57,7 | 0,9 | 41,3 | 100,0 | 58,7 | 22,0 | 7 392 |
| Ҷудошуда/алоҳида зиндагӣ мекунад/бевазан | 45,7 | 0,4 | 53,9 | 100,0 | 46,1 | 14,4 | 522 |
| **Ҷойи зист** | | | | | | | |
| Шаҳр | 57,5 | 0,9 | 41,6 | 100,0 | 58,4 | 23,3 | 2 705 |
| Деҳа | 44,9 | 0,7 | 54,4 | 100,0 | 45,6 | 17,0 | 7 174 |
| **Вилоят** | | | | | | | |
| Душанбе | 68,1 | 1,0 | 30,9 | 100,0 | 69,1 | 25,8 | 1 077 |
| ВМКБ | 68,6 | 0,1 | 31,2 | 100,0 | 68,8 | 36,6 | 157 |
| Суғд | 51,8 | 0,2 | 48,0 | 100,0 | 52,0 | 21,3 | 2 780 |
| НТҶ | 36,6 | 0,7 | 62,7 | 100,0 | 37,3 | 14,7 | 2 356 |
| Хатлон | 46,7 | 1,1 | 52,2 | 100,0 | 47,8 | 16,4 | 3 509 |
| **Ноҳияҳои ОХФ** | 43,5 | 1,4 | 55,1 | 100,0 | 44,9 | 12,4 | 1 937 |
| **Таҳсилот** | | | | | | | |
| Бе таҳсилот/ибтидоӣ | 40,0 | 0,4 | 59,6 | 100,0 | 40,4 | 13,2 | 443 |
| Асосии умумӣ | 40,6 | 0,6 | 58,8 | 100,0 | 41,2 | 13,0 | 3 271 |
| Миёнаи умумӣ | 48,1 | 0,8 | 51,1 | 100,0 | 48,9 | 18,3 | 4 230 |
| Касбии ибтидоӣ/миёна | 64,4 | 0,8 | 34,8 | 100,0 | 65,2 | 34,7 | 778 |
| Олӣ | 63,7 | 1,0 | 35,3 | 100,0 | 64,7 | 28,0 | 1 157 |
| **Квинтили некӯаҳволӣ** | | | | | | | |
| Пасттарин | 36,2 | 0,4 | 63,4 | 100,0 | 36,6 | 12,3 | 1 842 |
| Дуюм | 43,4 | 1,0 | 55,5 | 100,0 | 44,5 | 16,6 | 1 967 |
| Миёна | 47,6 | 0,5 | 51,9 | 100,0 | 48,1 | 18,4 | 1 966 |
| Чаҳорум | 50,6 | 0,8 | 48,6 | 100,0 | 51,4 | 20,4 | 1 964 |
| Олӣ | 62,2 | 0,9 | 36,9 | 100,0 | 63,1 | 25,1 | 2 140 |
| Ҳамагӣ | 48,4 | 0,7 | 50,9 | 100,0 | 49,1 | 18,7 | 9 879 |

[1] Мусоҳибонеро дар бар мегирад, ки дар бораи ВНМО нашунидаанд ё аз посух додан ба саволҳо дар бораи санҷиш худдорӣ кардаанд

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТҲО


Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Перепись населения и жилищного фонда Таджикистана 2020 года https://www.stat.tj/barujhatgirii-aholi-2020/.

Bradley, S. E. K., Croft, T. N., Fishel, J. D., and Westoff, C. F. 2012. *Revising Unmet Need for Family Planning*. DHS Analytical Studies No. 25. Calverton, MD, USA: ICF International.

Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. Маҷмӯаи «Солимии аҳолӣ ва фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ дар соли 2023». Душанбе. Тоҷикистон (дар нашр).

UN, United Nations. 2006. "The Secretary-General's in-Depth Study on All Forms of Violence against Women." New York: United Nations. http://www.un.org/womenwatch/daw/vaw/SGstudyvaw.htm#more.

Van Lerberghe, W., and V. De Brouwere. 2001. Of Blind Alleys and Things That Have Worked: History's Lessons on Reducing Maternal Mortality. In: De Brouwere, V., and W. Van Lerberghe, eds. *Safe Motherhood Strategies: A Recent Review of the Evidence.* Antwerp: ITG Press, 7–33.

World Health Organization (WHO) and United Nations Children's Fund (UNICEF). 2021. *Indicators for Assessing Infant and Young Child Feeding Practices: Definitions and Measurement Methods*. Geneva: WHO. https://www.who.int/publications/i/item/9789240018389.

World Health Organization (WHO). 2003. *World Health Report 2003*. Geneva: WHO. https://apps.who.int/iris/handle/10665/42789.

World Health Organization (WHO). 2006a. *Standards for Maternal and Neonatal Care.* Geneva: WHO. https://www.who.int/publications/i/item/9789241511216.

World Health Organization (WHO). 2006b. *Child Growth Standards*. Geneva: WHO.